# МИНБАРИ ХАЛҚ

*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

w.hamsafon.tj
minbarihalk@bk.ru

20 апрели соли 2016, чоршанбе, №16 (1048)

НАШРИЯИ … ИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН




## *Соҳибватан*

***Пас аз рӯзгорони дуру дароз,***
***Худо тоҷиконро навозид боз.***
***Ҷавоне ҷавонмард омад ба тахт,***
***Чу Сомони сонӣ дар ин рӯзи сахт.***
***Парешон варо қавм кӯи ба кӯ,***
***Фурӯ монда кишвар зи нашвунумӯ.***
***На лашкар, на дафтар, на девон будӣ,***
***Ҳама чиз дар дасти девон будӣ.***
***На Синош буду на ғамхори ӯ,***
***На тил(л)ош буду на динори ӯ.***
***На армон, параста, на нома, на лаҳв,***
***Ҳама аз дилу дидаҳо гашта маҳв.***
***Зи тарсу зи биму зи шарму зи айб,***
***Намекард тоҷик бурун сар зи ҷайб…***
***Якояк фаро хонду гирд оварид,***
***Ва з-ояндаи нек додаш навид.***
***Зи нав рӯҳи Сомониён шод кард,***
***Ба расми ниё давлат эҷод кард.***
***Забони дариро ба дарбор бурд,***
***Зи Рӯдак ба Чочу ба Утрор бурд.***
***Кунун парчами Тоҷикистон бубин,***
***Парафшон зи Амрик то Ҳинду Чин.***
***Зари Зарфишонаш ба дасташ ниҳод,***
***Кунад бо тамоми ҷаҳон гирудод.***
***Ғафурову Айнист ҳамроҳи ӯ***
***Дар ин сохтанҳо, дар ин ҷустуҷӯ.***
***Чу деҳгону озоду озода аст,***
***Ба тоҷик варо худ Худо додааст.***
***Ҳамеша Худояш нигаҳдор бод!***
***Ва рӯҳи ниёяш мададгор бод!***

**Ҷӯёи САМАРҚАНДӢ**
*Ноябри соли 1992*

# МЕЪМОРИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

**Чанде пеш бахшида ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабул гардидани "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат" китоб бо номи "ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ПЕШВОИ МИЛЛАТ" интишор гардид, ки он дар заминаи маърӯзаҳои олимон, адибон, сиёсатмадорон, чеҳраҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар конфронси илмии ҷумҳуриявӣ "Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои миллат ва нақши таърихии ӯ дар баланд бардоштани тамаддуни моддӣ ва маънавии миллат" рӯи кор омадааст. Конфронси мазкур ба муносибати қабул гардидани Қонуни "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат", ки 9-уми декабри соли 2015 аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, бахшида шуда, нақши таърихии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар баланд бардоштани тамаддуни моддӣ ва маънавии мардум инъикос намуд.**

*Назаре ба китоби тозанашри* "ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ПЕШВОИ МИЛЛАТ" *Душанбе: Маориф,2016, 414 саҳ.*




Дар китоб 42 мақолаи пурмуҳтавои сиёсатмадорону сиёсатшиносон, арбобони давлативу ҷамъиятӣ, олимони маъруф, муаррихон ҷой дода шудааст. Мақолаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба масобаи сарсухан дар партави сухани собиқ Президенти Фаронса Жак Ширак ба қалам омадааст: "Мардуми Фаронса ҳеҷ гоҳ мавқеи устувори Президенти Тоҷикистонро, ки ба фарҳанги ғанӣ ва бузурги сиёсиву маънавии халқи тоҷик такя мекунад, фаромӯш намекунад".

Муаллифи мақола ёдрас мекунад, замоне, ки Сарварии давлат ба зиммаи Эмомалӣ Раҳмони чиҳилсола вогузор гардид, кишвари тозаистиқлоли мо дар вартаи ҳалокат қарор дошт. Мардуми зиёд қурбони ҷанги бародаркуш гардида, бештар аз миллион нафар гурезаву муҳоҷири иҷборӣ гардиданд. Сарвари ҷавону дурандеш бо нахустин суханронии худ ба дили мардум шуълаи умедро ато намуд: **"То охирин фирорӣ ба ватан барнагардад, ман худро ором осуда ҳис намекунам".** Ба андешаи муаллифи мақола, ки ҳақиқати маҳз аст, Эмомалӣ Раҳмон пояи давлатдориро дубора аз сифр бунёд кард ва силсилаи корҳоеро ба анҷом расонид, ки онҳо имкон фароҳам оварданд, мардуми парешони тоҷикро атрофи дастурхони густурдаи сиёсии миллат ба ҳам биёрад.

**Сироҷиддин Аслов** - Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаи худ **"Эмомалӣ Раҳмон - асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ"** оид ба мақоми Сарвари кишвар ҳамчун тарроҳ ва поягузори мактаби нав дар сиёсати хориҷӣ ва равобити байналмилалӣ сухан кардааст. Ба андешаи муаллиф дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ кишвари мо дар мавриди идоракунии бахши иқтисодиву иҷтимоӣ замина ба таҷрибае дошт, вале дар бахши равобити байналмилалӣ чунин таҷриба ё мавҷуд набуд ва ё хеле маҳдуд буд. Аз ин рӯ, Сарвари мамлакат дар ин самти фаъолият низ корро аз сифр оғоз намуд. Ба қавле ба ақлу дониши худ, тадбир бо истифода аз эътимоду иттико ва хираду заковати мардум ба ҳадафи хеш расид. Нуктаи зарифе, ки дар мақола таъкид ёфтааст, ин бозгӯи усулҳои муаррифӣ кардани сиёсати хориҷии давлатҳои дунё мебошад. Ба қавли муаллиф: **"Давлатҳои маъруфшудаи олам ё бо зӯри силоҳ ё бо маҳсулоти пешрафта ё бо пулҳои ҳангуфт дар саҳнаи ҷаҳон нақшофарӣ кардаанд".** Вале, Пешвои миллати мо кишвари моро бидуни сарфи маблағҳои дохилӣ, содироти техникаҳои нодир, кӯмакҳои фаровони башарӣ танҳо бо тадбир, сулҳоварию ваҳдатофарӣ, ташаббусҳои созанда, робитаҳои инсондӯстона, забони ширину таҳаммулпазирӣ ба оламиён маъруфу машҳур кард.

Муаллифи мақола зикр мекунад, ки Тоҷикистон бо 128 кишвари ҷаҳон муносибати дипломатӣ дошта, 150 давлат истиқлолияти моро эътироф кардаанд ва бе ҳузури фаъоли Тоҷикистон бузургтарин тасмимҳои дастҷамъӣ дар минтақа сурат намепазирад. Дар мақола баробари зикри мақоми кишвари мо дар баргузор шудани ҳамоишҳо, конфронсҳо ва нишастҳои байналмилалӣ, ҳамчунин оид ба ташаббусҳои фарогир ва нақшгузорӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ, ки аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст, сухан меравад.

Марбут ба мавзӯи мақолаи мазкур профессори ДМТ Ниёз Мирзоев дар навиштаи хеш **"Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори дипломатияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол"** низ изҳори назар карда, гуфтааст, ки сиёсати оқилона, озмудшуда ва мувозини хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият самараи нек ба бор овард.

Мусаллам аст, ки Сарвари давлат дар рушди фарҳанги миллӣ нақши беандоза дорад. Мақолаи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода **"Нақши таърихии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди фарҳанги миллӣ"** ба ҳамин самти фаъолияти Президенти мамлакат бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф Эмомалӣ Раҳмон **"Кори давлатдории худро бо фарҳанг оғоз кард".** Ба қавли ӯ дар маркази шаҳри Душанбе - пойтахти меҳанамон Тоҷикистон қомат афрохтани пайкараи бузурги Исмоили Сомонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Сарвари давлат қадами устуворе дар баланд бардоштани маънавиёти миллат гузоштааст. Зимнан, Эмомалӣ Раҳмон идомабахши пешаи нахустин асосгузори давлати тоҷикон - Исмоили Сомонист, ки тавонист миллатро дар партави фарҳанги воло аз пароканадагӣ наҷот бахшад. Муаллифи мақола дуруст зикр мекунад, ки Пешвои миллат номидани Сарвари давлат ин ҳам падидаи фарҳангист, ки он омили муттаҳид шудани халқи тоҷик дар атрофи сарвари хеш мебошад.

Ҳамин мавзӯъ дар нигоштаи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Диловар Латипов **"Фарҳанг ва таҳкими ваҳдати миллӣ"** вусъат ёфта, муаллиф ба масъалаи муҳим муносибати Ватани халқу миллатҳо ва якпорчагии Ватани азизамон руҷӯъ менамояд. Муаллиф ба воқеаҳои солҳои 90-ум ба чашми таҳқиқ назар карда, зикр мекунад, ки он замон майдони маҳалгароӣ, миллатгароӣ ва дигар падидаҳои ғайричашмдошт пайдо шуд, ки дар натиҷа алоқаҳои мадании давлатҳо ва ҳатто гурӯҳҳои гуногуни миллиро дар доираи як давлат халалдор кард.

Дар мақолаи доктори илмҳои таърих, профессор Абдуфаттоҳ Шарифзода **"Оғози неку наҷотбахш"** мухтасар ба таърихи начандон дури кишвари мо ва мақоми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бунёду такмили давлату давлатдорӣ руҷӯъ шудааст. Муаллиф дар бораи Иҷлосияи таърихии шонздаҳум сухан карда, ба ёд меорад, ки дар он рӯзҳои фоҷиавӣ бештари сиёсатмадорони кордон мӯътақид буданд, ки дар вазъияти ба вуҷудомада ягон ходими шоистаи давлатӣ пайдо намегардад, ки корвонро сарбонӣ кунад. Муаллиф аз изҳороти таърихии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сардори давлат ба вакилони мардумӣ ёдрас мешавад: **"Аввалин иқдоми ман баҳри муътадил гардонидани вазъияти иҷтимоиву сиёсии ҷумҳурӣ, хотима бахшидан ба хунрезӣ равон карда мешавад".** Муаллиф дуруст зикр мекунад, ки замону таҷрибаи таърихӣ исбот карданд, ки барои Эмомалӣ Раҳмон интихобшуда роҳи дигари алтернативӣ вуҷуд надошт. Муҳимтар аз ҳама, Эмомалӣ Раҳмон он замон масъулияти бузургро ба зиммаи худ гирифта, манфиатҳои умумихалқиро бар манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ муқаддам донист.

**Абдураҳим Холиқзода,** доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор дар мақолаи худ **"Се амали таърихии Пешвои миллат- Эмомалӣ Раҳмон"** перомуни хидматҳои шоиста ва боистаи Ҷаноби Олӣ дар мавриди эҳё намудани падидаҳои неку писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгон сухан кардааст. Якум амали Сарвари давлатро муаллифи мақола дар таъсиси ҳокимияти давлатӣ мебинад. Зеро маҳз ташкил намудани низоми дурусти идораи давлат, таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии низоми идора, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳияи низоми судӣ метавонист халқро аз балои ба сараш омада халос намояд. Ӯ зикр мекунад, ки ин амалро Сарвари давлат дар ҷои холӣ ва низоми фалаҷи мақомоти давлатӣ роҳандозӣ намуд, ки имрӯз низоми идоравии амалкунанда сифатан аз даврони шӯравӣ ва ҳатто ибтидои замони истиқлолият фарқи куллӣ дорад. Амали дуюми Президентро муаллифи мақола дар фароҳам овардани ваҳдати миллӣ мебинад. Бо мисолҳои собит зикр мекунад, ки Сарвари давлат тавонист дар як муддати кӯтоҳ оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш кунад ва ваҳдати миллиро барқарор созад. Амали сеюми Сарвари давлат интихоби роҳи дурусти давлатдорӣ, ки ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона равона мекард, тавонист кишвари моро ба оламиён чун давлати пешрав муаррифӣ намояд.

Дар китоби **"Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои миллат"** якчанд мақолаи дигар аз ҷумла, мақолаи Қосимзода Идигул **"Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди устувори соҳаи маориф"**, Латофат Назирова **"Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон омӯзгор, мураббӣ"**, Ғуломқодир Бобизода **"Пешвои миллат ва рушди мактабу маориф"**, Ҳамидуллохон Фақиров **"Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои миллат"** оид ба рушди маорифи Тоҷикистон ба дастгириву пуштибонии Сарвари давлат бахшида шудааст.

Сулҳ ва ваҳдати миллӣ мавзӯи меҳварии китоби **"Эмомалӣ Раҳмон Пешвои миллат"** ба ҳисоб меравад, зеро бузургтарин хизмати Пешвои миллат ин барқарории сулҳу ваҳдат дар кишвар мебошад. Муаллифони мақолаҳо қабл аз зикри хидматҳои дигари Пешвои миллат дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷоннисориву ҷонбозиҳои ӯ дар барқарорсозӣ ва ваҳдати миллӣ изҳори назар кардаанд. Марбут ба ин мавзӯъ мақолаҳои алоҳида низ бахшида шудааст, ки яке аз онҳо **"Нақши Пешвои миллат Эмомалии Раҳмон дар таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон"** унвон гирифтааст, ки ба қалами Худойбердӣ Холиқназаров - директори маркази тадқиқотӣ-стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутааллиқ аст. Муаллиф аз санаи 27- июни соли 1997 ёд мекунад, ки бо кӯшиши Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гардид. Муаллиф аз таърихи гуфтугӯву музокираҳо ёд карда, аз шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон ҳикоят мекунад. Ба қалам додани нуқтаи назари вазири дифои Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд соли 1995 пас аз баргаштани ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон аз Кобул ба Душанбе аз шуҷоат, далерӣ ва миллатдӯстии Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад.

Носирҷон Салимӣ, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон дар мақолаи хеш **"Пешвои барҳақ"** иртиботи ботнии фаъолияти имрӯзаи Сарвари давлатро бо давлатдории хонадони Сомониён дарёб карда, имрӯза ҳифзу инкишофи забон ва ҳувияти тоҷиконро аз ҷониби Пешвои миллат ба ҷоннисориҳои даҳ аср муқаддами Исмоили Сомонӣ монанд мекунад. Муаллиф ба барномарезиҳои оқилонаи Президенти кишвар дар ҳамаи самтҳои хоҷагии халқ ишора карда, зикр менамояд, ки он дар густариши фазои демократӣ нақши бориз гузошт ва **"дарёфти тавозуну таносуб дар ҳама самтҳои фаъолияти сиёсӣ бо ҳусни таваҷҷуҳ ба армонҳои мардум адолати иҷтимоиро дар бунёди низоми нави давлатдорӣ устувор намуд, ки аз заминаҳои бисёр муҳими пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол буд".**

Ҳамин тариқ, ағлаби мақолаҳои китоби **"Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои миллат"** дар заминаи омӯзишу таҳқиқи амиқи илмӣ аз ҷониби шахсиятҳои донишманду фозил ва таҳлилгарони жарфназар, ки назари мустақилу воқеъӣ доранд, таълиф шудааст ва маводҳоеро пешорӯи хонанда вогузоштааст, ки шомили маълумоти як андоза мукаммал дар бораи фаъолияти пурсамари сиёсии Пешвои миллати тоҷик, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Китоби мазкур метавонад ҳамчун як сарчашмаи муқаддамотӣ барои таълифи минбаъдаи як китоби фундаменталӣ дар бораи Сарвари давлат заминагузор бошад.

**Саидумрон САИДОВ,**
*номзади илмҳои филология*

# СУҲБАТҲО ДАР АТРОФИ МАСОИЛИ МУҲИМ

**Гузориши мухтасар аз фаъолияти гурӯҳҳои муштараки таблиғотӣ**





**ТИБҚИ** нақшаи муштараки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ва Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тарғибу ташвиқи нуктаҳои Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаҳмонидану тавзеҳ додани матни тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар, ҷалби наваскарон ба Артиши миллӣ дар давраи даъват ба сафҳои Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат гурӯҳҳои сайёри ташвиқотӣ созмон дода шудааст, ки онҳо дар назди мардум, маҳаллаю шаҳракҳои аҳолинишин, макотиби олии кишвар ва бевосита дар корхонаю ташкилотҳо мулоқоту вохӯриҳо гузаронида истодаанд.

Гурӯҳҳои мазкур аллакай силсилаи вохӯриҳоро дар назди сохтмончиёни иншооти барқи обии Роғун, корхонаи сементбарорӣ, Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир намуданд. Дар ин мулоқот шоирону адибон ва санъаткорон иштирок намуда, бахши адабию фарҳангии онро боз ҳам ҷолибу шавқовар мегардонанд.

Дар маҳфиле, ки бо сухани ифтитоҳии ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ Лутфия Абдухолиқзода ҳафтаи сипаригардида дар назди устодону донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии мазкур ва бо иштироки раиси Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Руқия Қурбонова, шоири хушбаён муаллифи Суруди миллӣ, аъзои Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ Гулназар Келдӣ, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Зариф Ализода ва масъули чорабиниҳои мазкур, мудири шуъбаи Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Маҳмадулло Наимов барпо гардид, дар атрофи масъалаҳои муҳиму доғи ҷомеа ба шумули пешгирии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, фаҳмондани моҳияти аслии давлати ба ном исломии Ироқу Шом, баланд бардоштани маърифати сиёсию ҳуқуқии мардум, ифтихор аз ватандорию меҳанпарастӣ, дӯст доштани Модар-Ватан ва хизмати содиқона кардан ба он, омӯзиши касбу ҳунар, азхуд намудани илму донишҳои замонавӣ, роҳҳои рушди ҷомеа ва моҳияти ахлоқии дини мубини ислом суҳбати ошкорою самимӣ сурат гирифт.

Раиси собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Р. Қурбонова зимни суханронии худ таваҷҷуҳи устодону шогирдони донишкадаро ба ғояҳои созандаи ташкилоти сиёсии фаъоли ҷомеа чун ҲХДТ равона карда, иброз дошт, ки «ҳизби мо дар давоми бист соли фаъолияташ тавонист, ки дар миёни ҷомеа, дар баробари қишрҳои мухталифи он обрӯ ва нуфузи қобили мулоҳизаро соҳиб шавад. Ҳамаи ин аз дастгирии Сарвари Муаззами ҳизб, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст. Ташаббусу иқдом ва кӯшишу талошҳое, ки Роҳбари давлат барои таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, пешрафти иқтисод ва беҳдошти сатҳи зиндагонии мардум анҷом дода истодааст, имкон медиҳад, ки воқеан ҳам ҷомеа дар зимни татбиқи меъёрҳои демократӣ ба комёбиҳо ноил гардад. Дар ин ҷода табиист, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар сафи пеш қарор дорад.

Мо фаъолияти худро дар заминаи гуфтаҳои Сарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ мекунем, ки дар мавриди барномаҳои аҳзоби сиёсӣ қабл аз интихобот ироа дошта буданд. Яъне Барномаи амали ҳамон ҳизбе ба сифати Барномаи ҳукуматӣ пазируфта мешавад, ки дар мусобиқоти интихоботӣ пирӯз мегардад. Модом, ки дар интихоботҳои охир ҳизби мо баранда шудааст, пас Барномаи ҲХДТ мақоми саросарӣ мегирад ва онро бояд аз дилу ҷон дар амал татбиқ намоем. Чунин эътироф масъулияти ҳар як аъзои ҳизбро дучанд мегардонад. Бинобар ин моро лозим аст, ки ҷиҳати амалӣ кардани ҳамаи барномаҳо ва консепсияҳои давлатию ҳукуматӣ нақши арзандаи худро гузорем.»

Дар мавриди Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон бояд тазаккур дод, ки он ҳам аз ҷумлаи барномаҳои солонаи Сарвари муаззами мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ба он ҳамчун ба сифати як санади муҳими натиҷагирӣ аз фаъолияти ниҳодҳои давлатию ҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ дар соли сипаришуда ва ҳамчунин нақшаҳои кор барои марҳилаи наздик баҳо додан лозим аст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон З. Ализода диққати ҳозиринро ба муҳтавои матни тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар равона карда, зикр намуд, ки ҳама гуна санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи мамлакат ба мисли санади шахшуда (догма) набояд бошад. Он вобаста ба тағйироту таҳаввулоти ҷомеа, дигаргуниҳои минтақа ва ҷаҳон табиист, ки ба таҳрири иловаҳо ниёз пайдо мекунад. Инак, баъди зиёда аз даҳ сол зарурат пеш омад, ки ба он тағйиру иловаҳо ворид намоем.

Мусаллам аст, ки баъди баргузории раъйпурсии умумихалқӣ ва аз ҷониби мардум пазируфтани тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда санади асосии ҳуқуқии мо боз ҳам такмилу таҳрир меёбад ва барои фаъолияту зиндагии мардум бештар мувофиқ мегардад. Бинобар ин, ман ҳамаи иштирокчиёни ин маҳфили бошукӯҳро даъват менамоям, ки рӯзи 22 майи соли равон сари сандуқҳои овоздиҳӣ рафта, иродаи худро иброз дорад.

Дар бахши саволу ҷавоб иштирокчиён ба саволҳои худ посухҳои муносиб гирифтанд.

Дар ниҳояти ҷамъомад шоири хушбаён Гулназар аз эҷодиёти тозаи худ барои ҳозирин шеърҳо қироат намуд.

**Усмон СОЛЕҲ,** *сухангӯи ҲХДТ*

**Фаъолияти шоистаи комиҷроия**

# Нақши ташкилоти ҳизбӣ дар таблиғи сиёсати давлат

***Мусаллам аст, ки баланд бардоштани сатҳи маънавиёти сокинони кишвар ба корҳои таблиғотию ташвиқотӣ вобаста аст. Анҷоми ин амалҳо имконият фароҳам меорад, ки мардум ба масъалаҳои худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ, инсонпарварӣ ва ободкорию созандагӣ бештар ҷалб гарданд.***

**КУМИТАИ** иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Рашт ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳад. Тибқи нақшаи корӣ кумитаи иҷроия дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ва бахши раштии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли равон дар як қатор ҷамоати шаҳраку деҳот вохӯриҳо доир намуданд. Ҷиҳати сафарбар намудани сокинони ноҳия ва барпо намудани мулоқоту вохӯриҳо бо мардум саҳми узви раёсати КИ, раиси ноҳия, узви Маҷлиси миллии МО ҶТ Қаноатшо Лоиқзода калон аст.

Аз ҷумла чунин вохӯрӣ, ки бо ҷавонон дар маркази ҷамоати деҳоти Ҷафр сурат гирифт, хотирмон буд. Дар ин мулоқот раиси кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб Раҳматҷон Маҳмадов оид ба масъалаҳои муҳими рӯз, мавқеи ҷавонон дар бунёди давлати демократӣ, таҳсили ҷавонон дар мактабҳои олӣ ва ғайра ибрози назар намуд. Мавсуф зикр кард, ки тайи се соли охир сафи аъзои ҳизб аз ҳисоби ҷавонони боистеъдоду соҳибмаълумот дар ноҳия хеле афзудааст. Ҷавонони ноҳия дар корҳои ободонию созандагӣ фаъолона ширкат меварзанд ва дар ободонии кишвари азизамон саҳми сазовор мегузоранд.

Имрӯзҳо садҳо нафар ҷавонони боистеъдод дар макотиби олии кишвар ва хориҷи дуру наздик таҳсил доранд. Масъулини кумитаи иҷроияи ҳизб пайваста бо онҳо суҳбатҳо мегузаронанд ва сиёсати созандаи давлату ҳукуматро мефаҳмонанд. Бо мақсади пешгирии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва хусусан давлати ба ном исломии Шому Ироқ аз васоити мухталифи иттилоотӣ истифода мебаранд.

Ҷавонони мо бояд хуб дарк кунанд, ки зиндагии пурсаодат ва ин оромию субот барои мо осон муяссар нашудааст. Ҳамаи ин аз заҳмату ҷонфидоиҳои мардест, ки ба хотири Ватан ва миллат на шаб хуфтаасту на рӯз ором гирифтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон буд, ки тавонист чунин шароити хубро барои мардуми Тоҷикистон фароҳам биёрад. Аз ин ҷост, ки ба қадри заҳматҳои ӯ расидан вазифаи тамоми мардуми Тоҷикистон аст.

Ҳамин гуна вохӯриҳо бо иштироки вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Миралиён Қиёмиддин бо мардуми деҳоти Аскалон, Ҳиҷборак, Ҳоит ва Ясман доир гардид, ки дар он муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин мулоқот Қиёмиддин Миралиён зикр намуд, ки Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи кунунии мамлакатро инъикос намуда, барои таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар ин вохӯрӣ раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Рашт Раҳматҷон Маҳмадов оид ба масъалаи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳояшро баён намуда, таъкид кард, ки «бояд ҳизбҳои фаъолиятдошта дар барномаҳои хеш пеш аз ҳама манфиати тамоми мардуми кишварамонро ба инобат гиранд ва мақсади ҳамаи мо танҳо ободию бунёдкорӣ барои боз ҳам беҳтар гардидани зиндагии халқи мамлакатамон бошад.»

Дар вохӯрӣ раиси ҷамоати деҳоти Ҳиҷборак Аҳмад Мирзоев барои иштирок ба меҳмонон изҳори миннатдорӣ намуда, иброз дошт, ки рӯзи 22 майи соли равон сокинони деҳот дар раъйпурсии умумихалқӣ фаъолона иштирок намуда, ба ҷонибдории тағйиру иловаҳо ба Конститутсия овоз медиҳанд.

Бояд гуфт, ки тибқи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба биступанҷумин солгарди Истиқлолияти давлатӣ гурӯҳҳои таблиғотии ҳизбӣ дар тамоми деҳаҳои дурдаст бо аҳолӣ вохӯриҳо доир менамоянд ва оид ба аҳамияти ҷашнҳои фархундаи миллӣ ва дастовардҳои даврони истиқлолият суҳбатҳо барпо мекунанд.

**С.УСМОН**

# «РОҲСОЗОН»

**Дар Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо маҷлиси муассисони ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ баргузор гардид, ки дар кори он Иззатуллои Ҳабибзод, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилоот ва Ҷумъахон Бӯриев, мудири бахши омор ва бақайдгирии аъзои ҳизби кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ иштирок намуданд.**

**НАХУСТ** ба 33 нафар, ки дар асоси аризаашон ба сафи ҲХДТ пайваста буданд, шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида шуд, сипас ба ташкилоти ибтидоӣ "Роҳсозон" ном гузошта, тариқи овоздиҳӣ Нуралӣ Арабзода раиси ташкилоти ибтидоӣ интихоб гардид.

И.Ҳабибзод дар маҷлиси муассисони ташкилоти ибтидоӣ аз таърихи таъсисёбии ҲХДТ ёдовар шуда, аз ҷумла иброз дошт, ки ҲХДТ ҳизби табиатан халқӣ ва демократӣ мебошад ва он маҳсули тафаккуру эҷоди халқи фарҳанговар ва созандаи мост.

Дар идомаи суханрониҳои худ ӯ аз вазъи ноустувори сиёсии ҷаҳон ва манфиати абарқудратҳо ёдовар шуда, иброз дошт, ки дар чунин шароити тезу тунди бархурдҳо моро лозим аст, ки беш аз ҳарвақта оиди пойдории амнияти сартосарии кишвар андеша кунем, ҷавононро дар роҳи худшиносии миллӣ ва ҳимояи марзу буми кишвар тарбия намоем.

Дар охир мавсуф ба фаъолияти минбаъдаи ташкилот муваффақиятҳо хоста, бо қаноатмандӣ зикр намуд, ки ташкилоти ибтидоии мазкур яке аз ташкилотҳои намунавӣ хоҳад шуд.

"МХ"



# ТАШКИЛОТИ НАМУНАВӢ

**МАШВАРАТИ** навбатии ташкилоти ибтидоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба иҷрои вазифа ба дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзи 20-уми январи соли равон ба Маҷлиси олии мамлакат ироа гардид, бахшида шуд.

Узви ҲХДТ, сарвари муассиса Сайдалӣ Қурбонов бо таҳлили кори омӯзгорон, натиҷаҳои фаъолияти ҳар як омӯзгор, роҳбарони синфҳо ва иттиҳодияҳои методиро баҳогузорӣ намуд. Ӯ чунин нуктаи Паёмро ба маълумоти аъзои ҳизб - омӯзгорон айнан расонид, ки Ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Мо чунин ғамхорию диққату эътибори давлат ва Ҳукумати ҷумҳуриро бобати ислоҳот ва навсозӣ дар соҳаи маориф бевосита дар фаъолияти аҳлу тифоқи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ мебинем. 96 нафар аъзои ҲХДТ, ки ҳамаи онҳо омӯзгоранд, мудом аз пайи такмили донишу маҳорати касбиашон ҳастанд, гуфт дар идомаи суханаш С. Қурбонов. Онҳо дар иҷрои дастуру супоришҳои раиси ташкилоти ибтидоии ҲХДТ масъулияти калон ҳис менамоянд. Аз рӯйи нақшаи корӣ пайваста ҳолати таълиму тадрис, интизомнокӣ ва давомоти хонандагон ба машғулиятҳо санҷидаву омӯхта ва таҳлил карда мешавад. Иштироки директори муассиса, муовинон ва роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ дар дарсҳои омӯзгорон ва ҷорӣ намудани дарсҳои кушод боиси болоравии сатҳу сифати таълим гаштааст.

Маъмурияти муассиса ба муносибати 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳуриамон нақша-чорабиниҳоро тасдиқ кардааст. Натиҷаи ташкили хуби кори сарвари мактаб С. Қурбонов ва сарвари ташкилоти ибтидоии ҲХДТ С. Асоев аст, ки ҳар як санаи таърихиро омӯзгорону хонандагон бо гузаронидани конференсияи адабӣ-мусиқӣ, викторина ва ғайра таҷлил менамоянд.



Зарина МИРЗОЕВА,
*ноҳияи Фирдавсӣ*

***Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сармашқи кори худ қарор дода, бахри амалӣ гаштани он фаъолияти хешро пайваста густариш медиҳад.***

# ГРАНТ БАРОИ ИНТИХОБИ ПЕШАИ ОМӮЗГОРӢ

**САРВАРИ** давлат соҳаи маорифро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эътироф ва таъкид карданд, ки "...ояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад. Дар хотир бояд дошт, ки танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд". Ҳамчунин супориш доданд, ки дар давоми чор соли оянда масъалаи пурра бо омӯзгорони фанҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, дар навбати аввал, русиву англисӣ таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳал гардад.

Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб ин нуктаи Паёмро ба инобат гирифта, ба соҳаи маорифи Исфара, таъминоти муассисаҳои таълимӣ ба омӯзгорон ва захираи кадрҳои омӯзгорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд ва ин масъаларо дар маҷлиси навбатии раёсати кумитаи иҷроия мавриди баррасӣ қарор дод.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар деҳаҳои Сурху Чоркӯҳ ва Чорқишлоқ нарасидани омӯзгорон мушоҳида мегардад.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Исфара ин душвориро ба инобат гирифта, барои дастгирии ҷавонони лаёқатманди деҳаҳои Чорқишлоқ, Найман ва Чоркӯҳ, ки ба Маркази миллии тестӣ ҳуҷҷат супорида, касби омӯзгориро пеша ва дар мактаби олии омӯзгорӣ таҳсил мекунанд, соли 2016 гранти кумитаи иҷроияи шаҳрии ҲХДТ оид ба пардохти маблағи таҳсили донишҷӯёни минтақаҳои номбаршударо эълон намуд.

Барои гузаронидани озмуни довталабон ба гранти кумитаи иҷроияи шаҳрӣ гурӯҳи корӣ таъсис ёфт ва ваколати бастани шартнома байни шахсони манфиатдор оид ба соҳиб шудан ба грант ба зиммаи роҳбарияти кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Исфара вогузор гардид.

Гурӯҳи таблиғотии кумитаи иҷроияи ҳизбӣ ва раёсати маорифи шаҳр моҳҳои феврал-март бо хатмкунандагони ин се муассисаи таълимӣ вохӯрда, баробари даъват кардан ба супоридани ҳуҷҷатҳо ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин эълон шудани озмуни грант барои таҳсил дар мактаби олии омӯзгорӣ ва шартҳои онро низ талқин намуданд.

Машғул шудан ба таълиму тарбия кори ҳама аст ва бурсҳои омӯзишӣ - грантҳо барои касби омӯзгориро пеша кардани ҷавонон ва тақвияти захираи кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Бурҳонбек АСАДУЛЛОЕВ,**
*раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Исфара*

# РӮЗИ ОЛИМОН

**Дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ бахшида ба рӯзи касбии олимон баргузор гардид. Маҷлисро президенти Академияи илмҳо Фарҳод Раҳимӣ ҳусни оғоз бахшида, тамоми олимон ва муҳаққиқонро ба рӯзи касбиашон шодбош гуфт. Зикр гардид, ки таи чанд соли охир олимони тоҷик дар соҳаҳои гуногуни илми муосир ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштаанд. Ин пешравӣ ва муваффақияти онҳо аз мадди назари Ҳукумати кишвар дур намонда, ба олимоне, ки дар соҳаҳои гуногуни илми тоҷик тадқиқоти муфидеро анҷом додаанд, бо ҷоизаҳо ва ифтихорномаҳо мукофотонида шуданд. Дар байни ин олимони соҳаҳои гуногуни илм, ки сазовори ҷоизаҳо ва ифтихорномаҳо гардидаанд, Вазири корҳои дохилӣ Раҳимзода Рамазон Ҳамроҳ низ буд, ки бо ҷоизаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ сарфароз гардонида шуд. Дар маҷлис ҳамчунин маърӯзаҳо оид ба паҳлуҳои мухталифи илми муосири тоҷик ва кашфиёту дастовардҳои олимон мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шуданд.**

**Гулҳаёи МАДИМАР**

**Ҳафтаномаи "Минбари халқ" бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери рубрикаи "25 иқдоми бузург" силсилаи мақолаҳоеро пешкаши хонандагон мегардонад, ки матолиби мазкур дар бораи комёбиҳои назарраси солҳои соҳибистиқлолӣ қисса мекунанд. Ин навбат матлаберо манзури шумо мегардонем, ки рушди соҳаи маорифро дар бар мегирад.**

# РУШДИ МАОРИФ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

*Мактаб барои ҳар як фарди худогоҳу худшинос ҳамчун махзани маърифат ва даргоҳи асосии азбаркунии дониш буда, барои такмили ҷаҳонбинӣ, зеҳну тафаккур, малакаву маҳорат ва одобу ахлоқи ҳамида заминаи асосӣ мегузорад.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**ҲУКУМАТИ** Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мешуморад. Ин аст, ки ҷиҳати ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардонидани фаъолияти инфрасохтори бахшҳои иҷтимоӣ бахусус, соҳаи илму маориф пайваста диққати махсус зоҳир намуда, то имрӯз дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ тамоми чораҳои зарурииро амалӣ намуда истодааст. Агар бигӯем, ки дар даҳсолаи аввали даврони истиқлолият, соҳаи маориф марҳилаи мураккаберо паси сар кардааст, хато нахоҳем кард. Даврони мактабхонии банда, ки ба ҳамин давра рост меояд, барои гуфтаҳои боло мисоли рӯшане шуда метавонад. Хуб дар ёд дорам, ки он замон, дар мактаби мо аз сабаби нарасидани синфхонаҳо вагонҳоро ҳамчун синфхона истифода мебурданд ва гоҳо мешуд, ки аз сабаби нарасидани ҷои нишаст, дар як курсӣ ду нафарӣ менишастем. Вале гумон мекунам, дар он давра нарасидани синфхонаҳову ҷойҳои нишаст, танҳо мушкиле набуд, ки хоси мктаби мо бошад. Чунин камбудиву норасоиҳо дар макотиби деҳаҳои атроф низ ба чашм мерасиданд. Хушбахтона, имрӯз он камбудиву норасоиҳое, ки 15 соли пеш вуҷуд дошт, бартараф гардида, фаъолияти инфрасохтори соҳаи маориф ба тадриҷ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ шуда истодааст.

Дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 2254 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 474103 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 2 млрд. 316 млн. 259 ҳазор сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Шумораи сохтмони мактабҳо дар соли 1992 17 адад ва дар соли 2015 200 ададро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 1992 11,7 маротиба зиёд мебошад. Аз ин шумора аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 1319 бинои муассисаи таълимӣ барои 330704 ҷойи нишаст ба маблағи умумии 1 млрд. 719 млн. 732 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби сармояи хориҷӣ 397 бинои муассисаи таълимӣ барои 72913 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 419 млн. сомонӣ, аз ҳисоби соҳибкорон ва ба тариқи ҳашар 538 бинои муассисаи таълимӣ барои 70486 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 177 млн. 526 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Тавре аз Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илм ба ҳафтаномаи "Минбари халқ" иттилоъ доданд, дар ин давра, дар маҷмӯъ, 132 бинои муассисаи таълимӣ барои 31512 ҷойи нишаст бо маблағи 181 млн. 820 ҳазор сомонӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 593 бинои муассисаи таълимӣ барои 147129 ҷойи нишаст бо маблағи 488 млн. 409 ҳазор сомонӣ дар Вилояти Суғд, 868 бинои муассисаи таълимӣ барои 171971 ҷойи нишаст бо маблағи 851 млн. 106 ҳазор сомонӣ дар Вилояти Хатлон ва 661 бинои муассисаи таълимӣ барои 123491 ҷойи нишаст бо маблағи 794 млн. 924 ҳазор сомонӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сохта ба истифода дода шудааст.




Дилшод Сафаров, муовини сардори Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илм мегӯяд, бо дастуру супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани пояи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва муҳайё намудани шароити мусоиди таълимӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2008,№436 "Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ қарор доранд", қабул гардид. Барномаи мазкур сохтмону азнавсозии 804 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 136 муассисаи таълимии дар хонаҳои шахсӣ ва 101 муассисаи таълимии дар вагонхонаҳо қарордошта, 284 муассисаи таълимии дар ҳолати садамавӣ буда, 208 муассисаи таълимии ба таъмири асосӣ ниёздошта ва сохтмони нотамоми 75 муассисаи таълимиро ба маблағи умумии зиёда аз 590 млн. сомонӣ дар бар мегирад. Дар доираи амалигардонии барномаи мазкур давоми солҳои 2008-2015 бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 136 бинои муассисаи таълимӣ барои 15744 ҷойи нишаст аз хонаҳои шахсӣ ва 101 бинои муассисаи таълимӣ барои 13693 ҷойи нишаст аз вагонхонаҳо бароварда шуда, 200 бинои муассисаи таълимӣ барои 37029 ҷойи нишаст, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дошт, азнавсозӣ карда шуд. Илова ба ин, 192 бинои муассисаи таълимӣ аз таъмири асосӣ баровварда шуда, сохтмони 46 муассисаи таълимӣ барои 25853 ҷойи нишаст, ки аз даврони шӯравӣ ҳамчун иншооти нотамом боқӣ монда буд, ба анҷом расонида шуд.

Дар маҷмӯъ, дар доираи татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2008, №436 "Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ қарор доранд", 675 бинои муассисаи таълимӣ барои 92319 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шуд. Дар давоми амалӣ намудани Барномаи мазкур (солҳои 2009-2015) аз ҳисоби маблағҳои барои Вазорати маориф ва илм, ки аз буҷети марказонидашуда пешбинӣ гардидааст, 55 млн. 783 ҳазор сомонӣ равона карда шуд. Ҳамзамон, бо назардошти имкониятҳои молиявӣ ҷиҳати иҷрои қарори мазкур сохтмони нотамоми 4 муассисаи таълимӣ барои 1380 ҷойи нишаст, бо маблағи 34 млн. 781 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби марҳилаи сеюми лоиҳаи "Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ", ки аз ҳисоби қарзи Фонди Саудии Рушд ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, идома дорад.

Ин масъули Вазорати маориф ва илм зикр намуд, ки дар доираи татбиқи марҳилаи сеюми лоиҳаи "Таҷдид ва идомаи сохтмони муассисаҳои таълимӣ", ки аз ҳисоби маблағгузории Бонки Исломии Рушд ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад, сохтмони 7 бинои муассисаи таълимии нотамом идома дорад. Ҳамин тавр, иҷрои Барномаи давлатии мазкур дар ин давра, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 84 фоизро ташкил медиҳад. Тибқи супориши бевоситаи Президенти мамлакат аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои сохтмон ва таҷдиду тармими мактаб интернатҳои ҷумҳурӣ давоми солҳои 2013-2015 ба андозаи 31 млн. 709 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла барои таҷдиду барқарорсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси ноҳияи Ҳисор ба андозаи 2 млн. 600 ҳазор сомонӣ, барои таҷдиду барқарорсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобино ва сустбини ноҳияи Ҳисор ба андозаи 1 млн. 600 ҳазор сомонӣ, барои сохтмони бинои хобгоҳ барои 100 ҷой дар назди мактаб-интернати деҳаи Кангурти ноҳияи Темурмалик 3 млн. 600 ҳазор сомонӣ, сохтмони бинои таълимӣ барои 240 ҷойи нишаст дар назди Хонаи бачагони деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик ба маблағи 3 млн. 400 ҳазор сомонӣ, барқарорсозии бинои хобгоҳи мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим дар деҳаи Саричашмаи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (Шӯрообод) ба маблағи 2 млн. 330 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар деҳаи Арали ноҳияи Восеъ ба маблағи 3 млн. 100 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ ба маблағи 3 млн. 425 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернати ёрирасони №1 шаҳри Кӯлоб ба маблағи 2 млн. 998 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии Хонаи бачагони ноҳияи Фархор ба маблағи 1 млн. 756 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар шаҳри Кӯлоб ба маблағи 4 млн. сомонӣ, азнавсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ ба маблағи 1 млн. 800 ҳазор сомонӣ ва азнавсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятиму бепарастор дар ноҳияи Вахш ба маблағи 1 млн. 100 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, иншооти мазкур пурра азнавсозӣ карда шуда, шароити мусоиди таълимӣ ва зист барои хонандагони мактаб-интернатҳои зикргардида муҳайё карда шуд.

Тибқи маълумоти ба мо дастрасшуда, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ азнавсозии бинои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, сохтмони бинои таълимӣ дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, сохтмони навбати дуюми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва хобгоҳ, азнавсозии бинои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, сохтмони хобгоҳҳо дар назди Донишгоҳи давлатии ба номи М.Назаршоев дар шаҳри Хоруғ, сохтмони филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ дар ноҳияи Рашт, Сохтмони бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ анҷом ёфта, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Илова ба ин, сохтмони навбати дуюми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сохтмони Донишгоҳ ва хонаи истиқоматӣ барои омӯзгорон дар ноҳияи Данғара, сохтмони бинои нави таълимии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Русия, сохтмони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа дар шаҳри Душанбе ва сохтмони бинои иловагии таълимии Донишкадаи забонҳо ба номи С.Улуғзода дар шаҳри Душанбе идома дорад.

Имрӯзҳо шумораи хонандагон дар кишвар рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст, ки зарурати азнавсозии мактабҳои мавҷуда ва сохтмони муассисаҳои таълимии нав ба миён омадааст. Дилшод Сафаров мегӯяд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли ин масъала ва таъмин намудани муассисаҳои соҳаи маориф бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода карда истодааст. Бо ин мақсад тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Барномаи давлатии сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025" омода карда шуда, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Ба барномаи мазкур сохтмону азнавсозии 800 бинои муассисаи таълимӣ барои 179658 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 1 млрд. 708 млн. сомонӣ ворид карда шудааст. Дар назар аст, ки барномаи мазкур дар ин давра пурра амалӣ гашта, шароити мусоиди таълимӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимии кишвар фароҳам оварда шавад.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

# ТАЪСИРИ ГЕОПОЛИТИКА

## БА ОСИЁИ ҶАНУБӢ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН

*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

**ҚОБИЛИ** зикр аст, ки Чарлз Коган аз соли 1979 то 1984 роҳбарии шӯъбаи Раёсати хадамоти ҷосусии Америкаро доир ба амалиётҳои махфӣ дар Шарқи Наздик ва Осиёи Ҷанубӣ бар уҳда дошт. Вай дар навиштаҳои худ танҳо доир ба робитаи бевоситаи Ҳафизуллоҳ Амин бо "Бунёди Осиё" тазаккур дода, дар атрофи ин масъала дигар ҳеҷ гуна шарҳу тафсире пешкаш насохтааст. Чарлз Коган, аз бисёр масъалаҳо бохабар буд, аз ин рӯ муҳри хомӯширо бар лаб зад. Дар сурате, ки вай сирри давлатиро фош мекард, ҳатман аз ҷониби Раёсати хадамоти ҷосусӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешуд.

Нуқтаи ҷолиби масъалаи мазкур ин аст, ки дар моҳи сентябри соли 1979 то замони кушта шудани Нурмуҳаммад Таракӣ намояндаи ваколатдори Америка дар Афғонистон Брюс Амстутс бо Ҳафизуллоҳ Амин якчанд "вохӯриҳои дӯстона" гузаронида, таъкид кард, ки аз замоне, ки Америка мавқеи худро дар Афғонистон мустаҳкам кард, вай набояд аз норозигии шӯравиҳо дар ҳарос бошад. Ин стратегияи пешниҳодкардаи Брюс Амстутс натиҷаи хеле хуб дод, зеро дар ҳамон моҳ Ҳафизуллоҳ Амин бо Б. Амстутс дар хусуси беҳтар кардани муносибати Афғонистон бо Америка суҳбат дошт. Ду рӯз баъд аз ин пешниҳоди Ҳафизуллоҳ Амин тавассути вазири корҳои хориҷии Афғонистон дар шакли маҳрамона ба кормандони Департаменти давлатии Америка дастрас гардид. Дар охири моҳи октябри соли 1979 сафорати Америка аз Кобул хабар дод, ки Амин "хуб медонист, ки шӯравиҳо роҳбарияти барканоршудаи Афғонистонро барои дар оянда истифода бурдан, таҳти назорати худ қарор додааст". Ҳафизуллоҳ Амин зери мафҳуми "роҳбарияти барканоршуда" Бабрак Кормалро дар назар дошт. Телеграммаҳои махфии фиристодашудаи сафорати Америка дар Афғонистон аз 11, 22, 23, 27, 29 сентябр ва 28, 30 октябри соли 1979 ҳангоми ҳуҷум ба сафорати Америка дар Теҳрон 4 ноябри соли 1979 дарёфт шуда, дастраси васоити ахбори омма гардида буданд.

Дар ин бора роҳбарияти Ҳизби Халқӣ Демократии Афғонистон низ хабар дошт ва 16 январи соли 1980 котиби матбуоти ҳизб ба Агентии иттилоотии Афғонистон "Бохтар" хабар дод, ки "дар моҳи сентябри соли 1979 Ҳафизуллоҳ Амин барои наздик шудан бо Америка шароити мусоидеро омода сохт. Вай бо намояндагони расмии Америка вохӯриҳои маҳрамона гузаронида, тавассути маъмурони махфии худ ба Президенти Америка Картер иттилооти шифоҳӣ пешкаш мекарданд". Як нуктаро бояд таъкид кард, ки ин далелҳо аз ҷониби таҳлилгарони америкоӣ дар мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд.



> ***Ҳатто ба тарҷумонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ифои вазифа мекарданд, афсарони пуштузабон ба шакли таҳқиромез таъкид мекарданд, ки «шумо набояд ба забони «занҳо» - яъне забони дарӣ ҳарф занед. Шумо ҳатман бояд такаллумро ба забони «мардҳо», яъне ба забони пушту ёд гиред».***

Дар баробари далелҳои зикршуда Ҳафизуллоҳ Амин дар даврони роҳбарии худ бо фаъолияти золимонаву бераҳмонааш корҳоеро анҷом дод, ки воқеан чунин корҳоро ҷосусон анҷом медиҳанд. Вай дар мадди аввал барои беэътибору беобрӯ сохтани Ҳизби Халқӣ Демократии Афғонистон шахсонеро, ки аз "идеяи сотсиализм" ва сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ пуштибонӣ мекарданд, амалҳои ҳадафманд анҷом дода мешуд. Барои мисол, ки мо шоҳиди зиндаи он воқеаҳо будем, ҳизбиён, кормандони давлатӣ ва низомиёне, ки миллаташон тоҷик ва ғайрипуштун буд, дар тамрингоҳи назди "Академияи низомии техникӣ" ва "Пуҳантуни ҳарбӣ", ки дар наздикии маҳбаси "Пуличархӣ" қарор дошт, тирборон карда, ба қатл мерасонданд ва дар чуқурии умумӣ, ки бо булдозер канда шуда буд, мегӯронданд. Ҳамзамон Ҳафизуллоҳ Амин дар байни афсарон низ даст "ба тоза кардан" зада, қисмати аъзами онҳоро, ки дар донишгоҳҳои ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсил карда буданд, ба маҳбас кашида, беҳтаринҳои онҳоро ба қатл мерасонд. Ҳатто ба тарҷумонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ифои вазифа мекарданд, афсарони пуштузабон ба шакли таҳқиромез таъкид мекарданд, ки «шумо набояд ба забони «занҳо» - яъне забони дарӣ ҳарф занед. Шумо ҳатман бояд такаллумро ба забони «мардҳо», яъне ба забони пушту ёд гиред».

Дар доираи он нақшаҳое, ки аз ҷониби Раёсати хадамоти давлатии ҷосусии Америка пешниҳод гардида буд, Ҳафизуллоҳ Амин худро "ҳомии коммунизм" ва "дӯсти наздики шӯравиҳо" нишон медод. Вай на танҳо ҳиллагар ва зираку корчаллон, балки бозингари хуб низ буд ва таҳти фишори ҳизбиён маротиби чанд аз роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ дархост кард, ки низомиёни Шӯравӣ вориди хоки Афғонистон шаванд. Ворид кардани қитъаоти маҳдуди низомии Иттиҳоди Шӯравӣ дар бозие, ки Америка ба роҳ андохта буд, нақши калидиро иҷро мекарданд.

Дастгоҳи идории Ҷими Картер - президенти ҳамонвақтаи Америка бо истифода аз мавзӯи "таҷовуз"-и Иттиҳоди Шӯравӣ, нақшае, ки аз ҷониби Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ ва Пентагон тарҳрезӣ шуда буд, ба тадриҷ амалӣ сохт. Ба қавли худи Картер вай ба Иттиҳоди Шӯравӣ "ҷарима" баст, ки мувофиқи он содироти гандумро пурра қатъ намуда, иштироки варзишгарони Америкаро дар Олимпиадаи соли 1980-и Москва мамнӯъ сохт.

Ба қавли рӯзномаи "Ню-Йорк Таймс" аз моҳи январи соли 1980 Иттиҳоди Шӯравӣ ҷавобан ба ин амалиёти Америка эълон кард, ки ИМА аз ворид сохтани қитъаоти маҳдуди низомии Шӯравӣ дар ғазаб мебошанд, зеро тибқи нақшаҳои худ бояд Афғонистонро ба пойгоҳи низомӣ табдил дода, ҷои Эрони аз дастдодаро ҷуброн менамуд.

Ҷои шакку шубҳа нест, ки "барои мубориза бо хатарҳои коммунистӣ" ҷомеаи Америка ва васоити ахбори омма дар ҳама масъалаҳо бо президент Ҷ. Картер розӣ буданд. Барои мисол маҷаллаи "Уолстрит джорнал"-и Америка аз 7.01. 1980 аз дастгоҳи идории Картер даъват ба амал овард, ки бояд Иттиҳоди Шӯравӣ "ба ҷавобгарии ҳарбӣ" кашида шуда, пойгоҳҳои низомии Америка дар Шарқи Наздик таъсис дода шаванд ва "даъват ба хидмати аскарӣ барқарор гардад", ракетаҳои навъҳои ҷадид коркард шуда, ба озодии фаъолият ба Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ иҷозат дода шавад: "Вашингтон пост" бошад ба таърихи 15.02.1980 таъкид кард, ки "яқин аст, ки мо набояд аз имконоти кӯмаки махфӣ ба шӯришгарони афғон канорагирӣ намоем".

Ин як тарзи ба расмият даровардани фаъолияти махфиёнаи Америка ва кӯмакҳои он ба ҷангиёни афғон буд, ки ба тариқи ғайрирасмӣ баъд аз ду моҳи Инқилоби Савр, яъне аз моҳи июни соли 1978 шурӯъ гардида, аз ҷониби Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ ва Пентагон амалӣ мегаштанд. Дар доираи ҳамин кӯмакҳо чанде қабл аз ворид шудани низомиёни Шӯравӣ ба хоки Афғонистон раёсати мазкур маводи таблиғотиеро дар ин кишвар паҳн карда буд, ки тибқи онҳо бояд ба роҳбарони мухолифини ёрии амалӣ расонида шавад.

Дар аввалҳои моҳи апрели соли 1979 намояндагони хадамоти дипломатии Америка бо роҳбарони ҷангиёни афғон дар Покистон мулоқот гузарониданд ва Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ бошад дар навбати худ ба омода сохтани ҷангиён дар Покистон ва таблиғоти радиоӣ дар марзҳои Афғонистон изҳори гузориш дод. Дар моҳи июли ҳамон сол президент Картер асnодеро ба имзо расонд, ки тибқи он Америка ба ҷангиён бо роҳҳои махфӣ маблағҳои пулӣ ва таҷҳизоти техникӣ кӯмак намуда, аз номи онҳо дар Афғонистон таблиғот ва дигар амалиётҳои равониро мебурданд. Ба раванди ҷанги шаҳрвандӣ Афғонистон мудохила кардани Америка, Эрон, Покистон, Хитой ва дигар давлатҳо барои Иттиҳоди Шӯравӣ мушкилиҳои наверо эҷод карда, масъалаи мушкили сиёсиеро, ки ҳокимият дар Афғонистон ба дасти кӣ хоҳад расид, рӯи кор овард. Иттиҳоди Шӯравӣ тавассути ахбори омма ҳамеша доир ба "қувваҳои таҷовузгарӣ - империалистӣ" таъкид карда, мехост мавҷудияти низомиёни худро дар ин кишвар ногузир нишон диҳад. Қобил ба зикр аст, ки аввалин маротиба баъд аз Ҷанги дуввумии ҷаҳонӣ ҳарбиёни Иттиҳоди Шӯравӣ дар амалиётҳои ҷангии берун аз сарҳадоти Европаи Шарқӣ ширкат меварзиданд. Дар оянда ба вуҷуд омадани давлати исломии зиддикоммунистӣ дар сарҳадоти ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки ватани беш аз 40 млн. мусулмонҳо буд, Иттиҳоди Шӯравиро ба таҳлука андохта буд ва Америкаро барои ин амалиёташ бахшида наметавонист.

Америка дар навбати худ ба хотири дифоъ аз манофеи миллӣ ва давлатии хеш ҳеҷ вақт ба таъмини амнияти ҳамсояҳо ва шарикони худ дар доираи Европаи Ғарбӣ маҳдуд нагашта, чунин мепиндошт, ки ҳақ дорад аз тамоми ҷаҳон пуштибонӣ намояд. Бо истифода аз имконоти ба даст омада президент Картер эълом кард, ки минтақаи Халиҷи Форс зери "хатари низомиёни Шӯравӣ, ки дар Афғонистон мебошанд", қарор дорад ва минтақаи мазкур ба доираи манфиатҳои Америка дохил гардида, аз он тавассути василаҳои зарурӣ дифоъ хоҳад кард. Вай иқдому амали давлати шӯравиро "бузургтарин хатар баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ қаламдод кард.

Аз сабаби он ки соли 1980 дар Америка соли интихоботӣ буд, Збигнев Бзежинский борҳо дар асарҳои худ доир ба "бетарафӣ"-и Афғонистон таъкид кардааст ва онро ҳамчун далели раднопазир қабул кардааст. Воқеан ҳам Афғонистон дар тӯли мавҷудияти худ, ҳатто дар замони Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ сиёсати бетарафиро дунболагирӣ мекард.

Дастгоҳи идории Картер ба ин изҳороти ҷониби Шӯравӣ таҳқиромез муносибат мекард. Мушовир оид ба амнияти миллии Америка Збигнев Бзежинский баъд аз чанде таъкид сохт, ки "масъала на дар сабабҳои субъективии ворид шудани шӯравиҳо ба Афғонистон буд, балки сабаб дар натиҷаҳои объективии вуҷуди низомии Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишваре, ки дар наздикии Халиҷи Форс қарор дошт, маҳсуб меёфт".

*Давом дорад.*

**Абдулвоҳид ШАМОЛОВ**

22 май - Рӯзи раъйпурсии умумихалқӣ

*Ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия танҳо ба Тоҷикистон хос набуда, ҷузъи ҷудонашавандаи амалия ва таҷрибаи конститутсионии ҷомеаи ҷаҳон буда, дар аксари давлатҳои дунё амалӣ карда мешавад.*




# ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲОИ САРИВАҚТӢ

**ЗАРУРАТИ** маротибаи сеюм ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рушди устувору босуботи ҷомеа буда, он ба инкишофи минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояву ҳифзи онҳо мусоидат намуда, асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ ва фаъолияту ҳамкориҳои байниҳамдигарии онҳоро таҳкиму такмил медиҳад.

Гузашта аз ин, рушди забони давлатӣ, қабули қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ зарурати мукаммал гардонидани истилоҳҳо ва ибораву калимаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён оварда, меъёрҳои он ба истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд мутобиқ гардонида шаванд.

Тибқи моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Яке аз иловаҳо ба Конститутсия ин ба моддаи дар боло зикршуда буда, илова намудани қисми шашум бо мазмуни зерин пешниҳод карда шудааст: "Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст".

Бо назардошти вазъияти ҳассосу мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза, аз ҷониби давлатҳои абадқудрат амалисозии мақсадҳои сиёсӣ бо истифода аз дин ва маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва ё гуруҳҳои алоҳида иловаи мазкур ба Конститутсия саривақтӣ буда, пеш аз ҳама ба ҳифзи истиқлолияту якпорчагӣ, таъмини амнияти ҷумҳурӣ ва фароҳам овардани имконияти баробар ба ҳизбҳо барои муборизаҳои сиёсӣ мебошад.

Дин, алалхусус дини Ислом ба ягон ҳизб муҳтоҷ набуда, эътиқод ба дин кори шахсии ҳар як инсон мебошад. Шахс дар интихоби дин, ба ҷо овардани ибодат ва дигар расму оинҳои динӣ озод ва мустақил мебошад. Таъсис додани ҳизби сиёсии хусусияти динидошта ин истифодаи эътиқоди диндорон буда, яке аз воситаи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ мебошад.

Исботи гуфтаҳои боло фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ буд, ки бо истифода аз дини мубини Ислом ва сиёсигардонии он мехост ба мақсадҳои сиёсии худ ноил гардад.

Аз ҷумла то содир шудани воқеаҳои нангини моҳи сентябри соли 2015 аз ҳисоби аъзои ин ҳизб 45 нафар ҷиноятҳои гуногуни вазнин ва махсусан вазнин содир намуда, 17 нафар аз онҳо бинобар даст доштан ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта, аз қабили ташкили иттиҳодияҳои ҷиноятӣ, иштирок дар иттиҳоди экстремистӣ, даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барангехтани кинаву адовати динӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Охирин кӯшиши ин ҳизб роҳандозӣ кардани амалҳои террористӣ, аз ҷумла ҳамла ба бинои Вазорати мудофиа, қисмҳои ҳарбӣ, ШВКД дар шаҳри Ваҳдат, куштори 14 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ҷиноятҳо дар давоми рӯзҳои 4-16 сентябри соли равон мебошад.

Бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015 Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти террористӣ- экстремистӣ эътироф шуда, фаъолияти он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд.

Масъалаҳои миллӣ низ яке аз масъалаҳои нозуки ҷаҳони имрӯза буда, аксари низоъҳои дохилию берунӣ маҳз бо ҳамин сабабҳо ба вуқуъ меоянд. Ташкили ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи як миллати алоҳида боиси ҷудоиандозӣ, низоъҳо ва мунокишаҳои миллӣ гашта метавонад.

Давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ бе ягон мақсад ва ё ҳадаф ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳоро маблағгузорӣ наменамоянд. Онҳо бо ин васила мехоҳанд, мақсадҳои геополитикии худ, ки пеш аз ҳама ба манфиати худи онҳо нигаронида шудааст, амалӣ созанд.

Аз ин лиҳоз, тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба моддаи 8-и он саривақтӣ буда, ба таъмини рушди устувори ҷомеа ва ҳифзи якпорчагию истиқлолияти давлати тоҷикон нигаронида шудааст.

**Б. НОЗИМЗОДА,**
**А. ҲАИТЗОДА,**
*кормандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Нидо аз умқи қарнҳо

# ҶОНБОЗӢ БАРОИ ЭҲЁИ ИДИ МИЛЛӢ

**Дар суҳбати собиқадорони матбуоти тоҷик, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муқим Абдураҳмонов ва Аълочии матбуоти ҷумҳурӣ Файзуллохоҷа Атохоҷаев нишастему сухан аз боби таҷлили Наврӯз дар солҳои пешин рафт. Устод Муқим Абдураҳмонов нақли аҷиб карданд:**

- Соли 1956, баъди директори Институти шарқшиносии Академияи улуми Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ таъин гардидани алломаи замон Бобоҷон Ғафуров, Турсун Ӯлҷабоев, ки то ин дам Раиси Совети Вазирони ҷумҳурӣ буданд, Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон интихоб шуданд. Он солҳо ман дар факултаи забонҳои хориҷии Институти давлатии педагогии ба номи С. М. Киров (имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров) таҳсил мекардам. Омӯзгорон, махсусан, таърихнигорон мегуфтанд, ки ҳисси миллатдӯстии Турсун Ӯлҷабоев басо баланд аст ва ба анъанаву русумҳои мардумӣ эҳтироми зиёд доранд. Далели ин овозаҳоро ман дертар дар як ҷаласаи бонуфуз дарёфта, рости гап, қоил мондам.

Котиби якуми тозаинтихоби Комитети Марказии Ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ Турсун Ӯлҷабоев баҳори соли 1957 ба вилояти Ленинобод сафари корӣ анҷом дода, дар бинои театри ба номи А.С.Пушкин, ки он солҳо дар паҳлӯи масҷиди ҷомеи Шайх Маслиҳатдин Бадеуддини Нурии маркази вилоят ҷой дошт, маҷлиси фаъолони вилоятро даъват кард. Азбаски дар толор ҷойи холӣ намонда буд, дар симчӯбҳо карнайҳои радиоро устувор карда, рафти ҷаласаро барои дар берунмондагон мешунавониданд. Ману чанд тан аз шарикдарсон низ он ҷо будем. Ман бо гӯши худ шунидаам, ки Котиби якуми КМ ҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев чун сухан дар бораи таҷлили иди Наврӯз рафт, чунин гуфт:



- Наврӯз иди қадимаи мардуми ориёнажод аст. Онро ба дин марбут донистан мутлақо хатост. Минбаъд онро бо тамоми анъанаҳои суннатиаш ҷашн хоҳем гирифт.

- Муқимҷонако дуруст мегӯянд, - ба суҳбат ҳамроҳ шуданд, устод Файзуллохоҷа Атохоҷаев,- дар ҳақиқат аз он пас Наврӯзро дар қаламрави ҷумҳурӣ, аз он ҷумла Хуҷанди қадимаи мо бо тамоми русумҳояш ҷашн мегирифтагӣ шуданд.

Барои он ки дар иншои ин мавод иштибоҳ роҳ наёбад, ба муаррихи варзида, муаллифи китоби "Турсун Ӯлҷабоев", профессор Усмонҷон Ғаффоров занг задам:

- Онҳо дуруст мегӯянд,- гуфтанд устод,- дар ҳақиқат Турсун Ӯлҷабоев инсони фарҳангӣ ва дӯстдори миллату анъанаҳои мардумии халқи хеш буд. Дар вазифаи масъулиятталаби роҳбари ҷумҳурӣ истода, ба ин дараҷа садо баланд карданро на ҳама метавонист. Аммо Турсун Ӯлҷабоев, ки марди доно ва қавиирода буд, наҳаросида аз ҳақиқату адолат пуштибонӣ кард ва минбаъд то замони аз вазифа сабукдӯш шуданаш (1961) иди қадимаи тоҷикон Наврӯз дар тамоми ҷумҳурӣ бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мешуд. Баъди аз сари вазифа рафтан, роҳбарони нави ҷумҳурӣ аз "дӯғу пуписа"-и "Марказ" тарсиданд ва таҷлили ин ид ба қавле мамнӯъ шуд...

Муаррихи варзида Усмонҷон Ғаффоров дар идомаи нақли пурдалелаш гуфт, ки солҳои 80-уми қарни гузашта бо далолати ду нафар шахсиятҳои бузурги миллат устод Мирзо Турсунзода ва академик Муҳаммад Осимӣ Наврӯз аз нав эҳё гардид. Аммо Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов баробари ба таҷлили Наврӯз розигӣ додан таъкид кардаанд, ки бе ёдовар кардани Наврӯз он ҷашн гирифта шавад. Хуб дар хотир дорем, ки то замони соҳибистиқлолии кишвар ин иди қадимаи мо таҳти унвони "Иди Баҳору меҳнат" қайд мегардид.

Дар ҳамин маврид як андешаи ҷолиби диққати дигари муаррих У.Ғаффоровро оварданиам. Бино ба гуфти ӯ солҳое, ки ҷашни Наврӯз манъ буд, байни тамоми нашрияҳо ягона рӯзномаи "Маориф ва маданият" ба чопи мақолаҳо дар бораи ин иди қадимаи тоҷикон даст мезаду халос. Сабаби ин гуна нотарсиро муаррих дар хислати мардона доштани сармуҳаррири нашрия зиндаёд Турдинисо Бердиева донистанд:

- Ӯ бо вуҷуди зан будан, хислати мардона дошт. Ба андозае нотарсу багурда буд, ки ҳатто бо шахсони аввали ҷумҳурӣ рӯирост ва бе истиҳола гуфтугӯ мекард. Ҳақиқатро рӯшод нишон медод.

Боиси хурсандӣ аст, ки баъди ба истиқлолияти давлатӣ расидани Тоҷикистони офтобиамон бо кӯшишу эҳтимоми Асосгузори сулҳу Ваҳдат- Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯзи оламафрӯз умри дубора ёфт. Пешвои миллат дар суханрониҳои хеш дар сатҳи байналмилалӣ бо далелҳои илмӣ исбот кард, ки Наврӯз иди миллӣ ва қадимаи мардуми ориёнажод, аз ҷумла, халқи тоҷик аст. Ӯ гуфт, ки "Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобноке ва нишони ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигаҳдорандаи мардум, забон, расму оин, фарҳангу таърих ва ниҳоят Ватан будааст". Ва ҳамзамон исбот сохт, ки Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст. Аҳли ҷаҳон далелу бурҳони раднопазири Пешвои миллати моро ба инобат гирифта, даъвати Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи ба иди ҷаҳонӣ табдил додани Наврӯз якдилона ҷонибдорӣ карданд.

Инак, чанд сол аст, ки Наврӯзи оламафрӯз дар сатҳи ҷаҳон таҷлил мегардад. Ин иди аҷдодӣ бо ҳидоятҳои раҳнамунсози Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон шукӯҳу шаҳомати бесобиқа пайдо намуда, ба бузургтарин ва маҳбубтарин ҷашнҳои миллӣ табдил ёфтааст.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ**

# ЧАРО П
# ХУРОФ

**Имрӯз вобаста ба масъалаву мушкилоте, ки ҷомеаи мо ба онҳо рӯ ба рӯ меояд, худи вақт, худи замон аз мо талаб мекунад, ки онҳоро нодида наангорем, дар бораи онҳо, роҳҳои ҳаллашон андеша ронем, тадбирҳо биҷӯем. Яке аз он масъалаҳое, ки ҳарчи бештар мавриди таваҷҷуҳи мо қарор мегирад ва аз мо дахолату фаъолияти бештарро тақозо дорад, ҳамин масъалаи гирифтории мардуми мо ба таассуб ва хурофот аст. Воқеан, таассуб ва хурофот аз бемориҳои дерину куҳансолест, ки мардуми мо ба он гирифторанд ва боиси таассуф аст, ки маҳз мардуми мо бештар дар қайди онҳо дармондаанд.**

**МАЪНОИ** хурофот дар луғат-сафсата, гапи бемаънӣ ва фикру мафҳуми беасос омадааст. Таассуб-гирифтории кӯркӯрона ба хурофот аст. Пас, халқи мо, ки гирфтори хурофот аст, гирифтори сафсата аст? Дар асоси ақида ва фикру мафҳумҳои беасос зиндагӣ мекунад? Яъне ҳастии бемаънӣ ба сар мебарад? Агар ин хел аст, онҳое, ки гирифтори хурофотанд, гирифтори беморианд бо номи ҳарзаву сафсатаву андешаҳои беасосу бемаънӣ?!

Оё ин гирифторӣ ба шаъни миллати мо, миллате, ки даъвои фарҳангӣ будан, соҳибтамаддуниро дорад, иснод намеорад? Дар асри 21, дар замоне, ки зиёну зарар ва бебунёдии хурофот дар ҳама олам маълум аст ва халқҳои гирифтори хурофот ба халқҳои қафомонда мансубанд, айб нест, ки мо ҳанӯз бо ду поямон ба лойи хурофот ғӯтидаем! Инро чӣ гуна метавон маънидод кард? Ҳатто он миллатҳову халқҳое, ки дар таърих хеле баъдтар аз мо соҳиби тамаддун шуданд, имрӯз ба хурофот ва мардуми хурофотӣ бо истеҳзо менигаранд.

Биёед, як андеша кунем. Чаро мо, тоҷикон бештар гирифтори хурофотем? Инсони донишманд, соҳиби ақлу идроки баланд ва соҳибмаърифат ҳеҷ вақт гирифтори хурофот намешавад. Ақли солим намегузорад, ки побанди хурофот бошад. Чашми бино роҳ намедиҳад, ки роҳи тозаро канор монда, ба ин лойоба дарояд ва худро бероҳа созад. Яъне мо қафо мондаем? Бо ҳама даъвоямон аз соҳибтамаддунӣ дур аз тамаддунем?!

ва дигарон дар ашъору навиштаҳои худ муборизаи беамон бо он бурдаанд, ки имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва имрӯз ҳам дар фош сохтани макру дурӯғи хурофот метавон аз онҳо истифода намуд.

### ДИН ВА ХУРОФОТ

**НАХУСТ** мо бояд динро бо хурофот омехта накунем, зеро онҳое, ки хурофотро манбаи даромади худ ва ҳадафи ниятҳои носолимашон сохтаанд, бештар аз номи дин ва "Қуръон" баромад мекунанд ва симои аслии худро дар паси дини мубин пинҳон медоранд. Ҳол он ки хурофот душмани дин аст ва обрӯи онро мерезонад. Зеро, чунон, ки гуфтем, маънои хурофот сафсата, яъне дурӯғ, найранг аст. Яке аз ҳадафҳои "Қуръон"-ро ба тоҷикӣ гардонидану ба теъдоди зиёд нашр намуда, дар байни мардум ба таври маҷҷонӣ пахн намудани ин китоби муқаддас аз ҷониби Сарвари кишварамон ҳамин ҳадафро дошт, ки мардум худашон хондаву чӣ будани дини мубини Исломро дарк кунанд ва ба таассубу хурофот гирифтор нашаванд. Имрӯз хеле даркор аст, ки мутахассисони мо, ҷомеашиносони мо, донишмандони мо пайваста таҳқиқоту пажӯишҳое интишор кунанд, ки дар онҳо ҳамин тафриқаҳо нишон дода шаванд. Мардум оқибат дарк кунанд, ки дин чисту хурофот чист. Зеро як сабаби гирифторӣ ба хурофот ана ҳамин ноогаҳӣ аз асли дин мебошад.

Дар ҳамин ҷо овардани ҳодисае дар яке аз деҳоти Тоҷикистон, ки чанде пеш дар ҳамин рӯзгори истиқлолияти созандаи мо рух додааст, ба маврид аст.

> ***Албатта, гурӯҳе ҳастанд, ки бо мақсадҳои аз байн бурдани фарҳанги миллии мо тарғиботро мебаранд ва фаъолият доранд. Вагарна мақсад чист? Худи ҳамон арабҳо ягон эҳтиёҷе надоранд, ки мо тоҷикон ҳама номҳои арабӣ гузорем ё либосҳои арабӣ пӯшем, ки хоси ҳамон халқ, дар ҳамон муҳит аст.***

Банда дар ин мавзӯъ бори аввал нест, ки ибрози андеша мекунам. Дар мақолаи "Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро" ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор дода, баъзе андешаҳоямро баён карда будам. Ва дар ҳамон ҷо баён доштаам, ки масъалаи мубориза бо таассуб ва хурофот барои адабиёти куҳансоли мо нав нест. Бузургони илму адаби оламшумули мо, аз ҷумла: Носири Хусрав, Умари Хайём, Абӯалӣ Сино, Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил

Ин ҳодиса далели собиткунандаест, ки хурофот ва муллоҳои мутаассиби мо чи андоза метавонанд мардумро роҳгум занонанд ва корҳое кунанд, ки шоистаи суннатҳои неки миллати баша рдӯстии мо нестанд.

Чанде пеш дар яке аз деҳоти Тоҷикистон як зани рус, ки шавҳараш ӯро баъд аз ҷанг бо худ овардаву солиёни зиёд-қариб як умр дар ин деҳа бо ҳам зиставу соҳиби фарзандҳо гардиданд, вафот кард. Ин зани рус ба куллӣ тоҷик шуда буд. Ӯ ба тоҷикӣ сухан мегуфт, либосҳои тоҷикӣ мепӯшид, ҳама одобу суннати тоҷикӣ ва шариати исломиро риоя мекард ва дар ҳамин руҳия фарзандонашро низ парваридаву ба воя расонида буд. Шавҳари ӯ пеш аз ӯ тарки дунё кард. Рӯзе, ки ин зан фавтид, муллои деҳа ба иллати он, ки ӯ мусулмон нест, иҷозат надод, ӯро дар қабристони деҳа бигӯронанд. Ва дар он деҳа касе ёфт нашуд, ки пеши роҳи ин ҳукми беадолатонаи муллоро бигирад. Маҷбур шуданд он занро дар қабристони деҳаи ҳамсоя гӯронанд.

Оё ба ахлоқи кадом дину кадом суннати кадом халқ мегунҷад ин рафтор?! Ин аст, далели он, ки хурофот ва таассуб мардуми моро то куҷо гумроҳу гирифтор кардааст, ки дар баъзе мавридҳо ҳатто аз сарҳади инсонигарӣ убур мекунад. Ин аст далел ва натиҷаи эътиқоди кӯркӯрона ба таассубу хурофот ва муллоҳои ифротгаро.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки яке аз пешвоёни дину тариқати ислом буд, вақте аз дунё даргузашт, аз паси ҷанозаи ӯ яҳудиву насрониву буддоиву мусулмон бо ҳам мерафтанд ва тафриқаи динӣ садди роҳи эътиқоду инсонигарии онҳо нагардида буд. Ва аслан Худо яктост ва ба тамоми башарият тааллуқ дорад. Дар дунё шояд кам оромгоҳи бузурге ёфт шавад, ки дар он намояндагони адёни мухталиф манзили охират наёфта бошанд.

### ТАРС, НОБОВАРӢ

**АММО** сабаби гирифтории мардуми мо ба таассубу хурофот фақат ноогаҳӣ нест, балки ин ҷо сабаби дигару бештар таъсиргузоре ҳаст, ки бе муайян кардану рафъ намудани он, мо наметавонем халқамонро аз банду зиёни хурофот раҳо кунем.

Миллати мо дар тӯли таърихи гарону вазнину хунин борҳо зери ҷабру зулм, шиканҷаву зӯровариҳои истилогарон қарор гирифтааст. Садсолаҳо ӯро ғорат мекарданд, сарашро мебуриданд, хунашро мерехтанд. Тамоми шаҳрҳои замоне ободи он борҳо қатли ом дидаву бар хок яксон шудаанд. Ин ҳама даҳшатҳо ин халқро то ҷое ба ҷонаш расонд ва тарсу ҳаросро ба сиришти ӯ, дар тафаккури ӯ ҷо намуд. Ана ҳамин тарс, тарс дар пеши фардо, дар пеши тақдир, дар пеши мушкилоту масъалаҳои чигил халқи моро сахт тарсу кард ва боварӣ ба фардоро аз ӯ даррабурд. Имрӯз як сабаби гирифторӣ ба хурофот ана ҳамин тарси ботин дар пешорӯи мушкилот, ана ҳамин бовар надоштан ба худ, ба нерӯи созандаи худ ва ба фардои худ аст. Тарси рӯ ба рӯ шудан ба мушкилот, даст ба гиребон шудан бо он, аз сари роҳ бардоштани ин монеаҳо боис мешаванд, ки роҳи осони ҳалли мушкилро дар хурофот ҷӯё шаванд. Мо бояд ин тарсро аз ниҳоду сиришти халқамон бизудоем.

### ХУРОФОТ СУННАТИ МИЛЛӢ НЕСТ

**МАНБАИ** дигаре, ки мардуми хурофотпеша ва онҳое, ки хурофотро доми тазвир кардаанд, аз он истифода мебаранд ва дар паси пардаи он пинҳон шудан мехоҳанд, суннату анъанаву маросимҳои волои моянд. Дар сурате, ки суннатҳои баланди миллии мо ҳеҷ муносибате ба хурофот надоранд. Суннату маросимҳои халқии мо ҳадафҳои баланди миллӣ, аҳамияти баланди тарбиявӣ, ҳунаромӯзӣ, зебоипарастӣ, бунёдкорӣ, хайрхоҳиву некманишӣ доранд. Аммо онҳое, ки таассуб ва хурофот манбаи даромадашон шудааст, бисёре аз ин падидаҳоро нишонаҳои суннату одоби миллӣ нишон доданӣ мешаванд, ки ҳаргиз ба онҳо тааллуқ надошта, балки хилофи онҳо мебошанд. Масалан, суннатҳои миллие, мисли гаҳворабандон, мӯйсаргирон, рӯйбинон ва даҳҳои дигар суннатҳои миллие мебошанд, ки бо ҳадафҳои неку мақсадҳои наҷиб амалӣ мегарданд. Дар онҳо озодагиву покӣ, гигиенаи миллӣ зоҳир шуда, ҳар яке дар тарбияи кӯдак саҳме дошта, ӯро дар рӯҳияи одобу суннатҳои солим тарбият менамоянд. Аммо падидаҳои номатлубе чун қайтармаву аласт, бахшигӣ ва ғайраҳо, ки аслашон муғуливу туркӣ буда, аз замони тороҷи чингизиҳо боқӣ мондаанд, ҳеҷ муносибате ба суннатҳои волои мо надошта, ҳама фиребу макру дурӯғанд ва бар вахшонияту бефарҳангӣ бунёд ёфтаанд.

### ЛИБОСИ МИЛЛӢ СИМОИ МИЛЛИИ МОСТ

**ЯКЕ** аз масъалаҳои ҷиддие, ки низ ба таомулу суннату адаби миллии мо зиён меораду моро ба ташвиш овардааст, дахолат ба фарҳанги либоспӯшии мо мебошад. Солҳои охир аз ҷониби онҳое, ки мехоҳанд симои халқи моро таҳриф кунанд, суннатҳои волои либоспӯшии моро аз байн бубаранд, боз ҳам дар зери ниқоби гӯиё дину шариат кӯшишҳои фаъолона шуд ва мардуми содабовари мо қариб буд ба он гирифтор шаванд. Теъдоди онҳое, ки аз бахри либосҳои миллӣ баромадаву саропо сияҳпӯш гардидаанд ва симову хулқу атвор ва ҳатто рафторҳои ношоистаи худро дар паси ин ниқобҳо пинҳон карданӣ шуданд, зуд афзуданд ва ҳамин тавр зуд фош ҳам гардиданд.

Мо ҳаргиз муқобили либоси миллии дигар кишварҳо нестем. Аммо либоси миллии мо, фарҳанги мо, маънавиёт, симои миллии мост. Ва агар либоси миллии мо аз байн равад, симои миллии мо аз байн хоҳад рафт. Ва ҳадафи ин кӯшишҳо ҳам ҳамин аст: аз байн бурдани махсусиятҳои миллии халқи мо. Аммо саволе ба миён меояд, ки чаро боз ҳам мо, мардуми мо зуд ба он дода мешаванд. Куҷост шарафи миллӣ, ифтихори миллӣ? Дар ҳоле, ки либоси миллии тоҷикӣ шояд аз зеботарин либосҳои дунёст, ки завқи оламиёнро тасхир кардааст ва шояд дар дунё кам кишвареро тавон ёфт, ки бо ин қадар рангорангӣ, гуногунии интихобу фаровонии намунаҳо либос дошта бошад. Тамоми ноҳияҳо ва гӯшаҳои мухталифи кишвари мо либоси миллии нотакрор ва хоси худро доранд, ки кам халқе бо чунин рангорангии либоси миллӣ метавонад ифтихор кунад. Аммо чаро боз ҳам ин гирифторӣ ва ноустуворӣ хоси мардуми мост?



Бубинед, мардуми кишварҳои зиёде дини насрониро қабул кардаанд. Аммо ин боиси он нашудааст, ки онҳо ба хотири эътиқоди динии худ як хел либос пӯшанд. Ҳар халқ либоси хоси худро дорад ва онро бо ифтихор сарвати миллии худ меҳисобад. Дунё ҳам бо ҳамин гуногунрангӣ зебост. Бисёре аз мардумони оламро аз рӯи либос ва ҳатто кулоҳашон мешиносанд ва ҳар яки онҳо либоси миллии худро бо эҳтироми баланд маҳфуз медоранд, зеро ин симои онҳо, маънои онҳо, фарҳанги таърихии онҳост. Аз даст додани либоси миллии худ, аз даст додани фарҳанги миллии худ аст.

Дар кишварҳои мусулмонӣ ҳам халқи ҳар кишвар, бо вуҷуди

# ОБАНДИ ОТЕМ?



ягонагии дину мазҳаб, фарҳанги хоси либоспӯшии худро дорад. Масалан, мусулмонони Ҳинду Покистон тарзи хоси либоспӯшии худро доранд, мусулмонони Индонезӣ низ либосҳои ба худ хос мепӯшанд. Тарзи либоспӯшии мусулмонони араб низ аз мусулмонони Эрон ва Афғонистон, фарқ мекунад. Мусулмон будани онҳо садди роҳи либоси миллӣ доштани онҳо нест.

### НОМ СИМОИ МАЪНАВИИ ТОҶИКОН АСТ

**БАД** - ин тариқ, ҳар миллат тарзи хоси номгузории худро дорад. Имрӯз бо иваз кардани номҳои тоҷикӣ ба арабӣ мусулмонии мо на афзун мешавад, на кам. Ва аслан ягон миллати дигаре ба хотири мусулмон будан аз баҳри номҳои миллии худ баромадаву номҳои арабӣ қабул накардааст. Аммо боз ҳам мо - тоҷикон ҳар корро бояд ба ифрот расонем. Бояд нишон диҳем, ки мо бештар мусулмонем, ҳатто номамон арабист. Ҳол он ки мусулмон будан маънои араб буданро надорад. Миллатҳои зиёде ҳастанд, ки дини мубини Исломро қабул кардаанд, аммо фарҳанги миллии номгузории худро маҳфуз медоранд. Чаро боз ҳам мо нопойдорем? Асолати миллии худро фаромӯш мекунем? Чун об ба ҳар сӯ равон мешавем. Албатта, гурӯҳе ҳастанд, ки бо мақсадҳои аз байн бурдани фарҳанги миллии мо тарғиботро мебаранд ва фаъолият доранд. Вагарна мақсад чист? Худи ҳамон арабҳо ягон эҳтиёҷе надоранд, ки мо тоҷикон ҳама номҳои арабӣ гузорем ё либосҳои арабӣ пӯшем, ки хоси ҳамон халқ, дар ҳамон муҳит аст.

Баръакс, Ислом бо он зебост, ки симо, урфу анъана ва суннатҳову фарҳангҳои халқҳои гуногунро муттаҳид мекунад, зинда медорад ва таҷассум месозад. Дар ягон китоби муқаддас гуфта нашудааст, ки барои эътиқоди динӣ бояд аз баҳри ном ва либоси миллӣ гузаранд. Ана ҳамин зиёдаравӣ низ таассуб аст, таассуби динӣ. На дини воқеъиву Исломи воқеъӣ. Афсӯс, ки ин ифротгароӣ, ноустуворӣ боиси коҳиши фарҳанги миллии мо мегардад. Ҳол он ки либосҳои тоҷикӣ, ки ҳар яке асари волои санъату ҳунаранд, маъно, ҳадаф ва рисолати худро доранд. Онҳо ғанӣ аз ранг, аз маъно, аз ҳунар мебошанд ва мо бояд аз онҳо ифтихор кунем. Айни ҳамин суханро дар бораи номҳои тоҷикӣ метавон гуфт. Кам халқеро метавон ёфт, ки аз ҷиҳати теъдоди ном, мазмуннокӣ, талаффуз ва рангорангӣ дар забону маъно он қадар ғанӣ бошанд. Номҳои тоҷикӣ номҳои маънидор ва ҳадафноканд, баъзан баёни як тасвир, як образи бадеӣ, як ҳадафи нек ҳастанд. Дар онҳо орзуву армони мардуми мо, ниятҳои некашон, ҳадафҳои волояшон, хайрхоҳиву инсонигариву завқашон ифода ёфтааст. Баръакс, мардуми дигари олам бояд ҳасад ба фарогирии маъниву зебоиҳо, талаффузу садонокии номҳои тоҷикӣ баранд.

Номҳои занонаи тоҷикӣ аксар нуру ҷилои хос, шукуфоиву дурахши нотакрори худро доранд. Ҷилои андешаву орзуҳо ва армонҳо ҳастанд. Дилро, чашмро, хотирро, табъро равшану гарм мекунанд. Дар куҷо дидаед, ки ном нур дошта бошад, ном накҳат дошта бошад, ном ин қадар рангину зебо бошад? Бо шунидани номҳои тоҷикӣ табъ равшану хотир болида мегардад. Номи гулҳо, номи ситораҳо, номе, ки сафои чашмаву рӯдҳо ва шукӯҳи осмонҳоро дошта бошад.

Номҳои мардонаи тоҷикӣ низ некиву шуҷоъату хайрхоҳӣ ва армонҳои баланди инсониро таҷассум мекунанд. Мисол, номҳои занона: Нилуфар, Бунафша, Зуҳро, Сафо, Сабо, Нозанин, Сапеда, Зулол...; номҳои мардона: Рустам, Ҳумоюн, Доро, Неру, Фирӯз, Фаршед.., албатта, мо номҳои зебо ва маънидори зиёдеро аз забонҳои дигар низ қабул кардаем, хусусан аз арабӣ. Ва онҳо кайҳост, ки тоҷикӣ шудаанд. Аммо сухан дар бораи он шахсони ғаразпеша ва мутаассибе меравад, ки имрӯз тарғибот мебаранд, то мо бояд аз номҳои тоҷикии миллии худ рӯ тобем, бояд номҳои мо, азбаски мо мусулмонем, арабӣ бошанд. Ба хотири чӣ? Аз ин кӣ бурд мекунад? Ё айни ҳамин тарғиботро барои рӯй гардонидан аз либосҳои миллии зебову рангоранги мо ва пӯшидани либосҳои якнавохту якранги ҳиҷобмонанд тарғиб мекунанд. Аммо ҳамин таҷрибаи замони кӯтоҳи мо нишон дод, ки ҳиҷобҳои сиёҳи зоҳиран исломӣ на танҳо соҳибони онҳоро мусулмон намекунанд, балки, баръакс, агар инсон покният набошад, дар паси пардаи онҳо метавон симову маънову рафтори ношоистаи ғайриисломиро пинҳон кард.

Хулоса, пӯшидани либосҳои арабӣ ва гузоштани номҳои арабӣ ҳанӯз маънои мусулмон шуданро надорад. Аммо, чунон ки гуфтем, вақте либоси миллии худро аз даст медиҳем, симои маънавии худро аз даст медиҳем, вақте номҳои тоҷикии худро аз байн мебарем, мо маънавиёти худро аз байн мебарем. Ҳар миллат, ҳар халқ бо фарҳанги таърихиву хоси худ бояд арзи вуҷуд кунад ва бохтани ин фарҳанг, бохтани асолати хеш аст. Зиёда аз ин, халал ворид овардан ба фарҳанги либоспӯшӣ ва фарҳанги номгузорӣ зиён овардан ба маънавиёти миллист. Ва зиён овардан ба маънавиёти миллӣ зарба задан ба асолати миллӣ ва ҳувияти миллист.

### ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ЧИСТ?

**БИЁЕД,** бубинем, ки асолати миллӣ, ҳувияти миллӣ чӣ маънӣ дорад. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ омадааст. Асолат- асилӣ, наҷобат ва асилзодагист. Ҳувият - моҳияти шахсе ва ё чизе, яъне шинохти моҳияти худ, шинохти худ аст. Яъне, шинохти ҳувияти миллӣ -шинохти моҳияти миллист. Ва онҳое, ки мехоҳанд моро аз асолати худ, аз ҳувияти худ, аз маънавиёти худ дур кунанд, кори хайре на барои ислом мекунанду на барои инсоният. Зеро фарҳанги тоҷикӣ, адаби тоҷикӣ яке аз дастовардҳои наҷибу эътирофгардидаи инсоният аст. Ва, баръакс, бузургони илму адаби тоҷик бо ҳамин фарҳанги оламшумул саҳми бузурге дар бунёду рушду ҳимояи дини мубини Ислом гузоштаанд ва аз ин ки онҳо тарки номҳои зебо ва либосҳои суннатиашон мекунанд, на Ислом ғанитар мегардаду на онҳо мусулмонтар мешаванд. Ва ин ҳақиқатест мусаллам.

Он чи мардумро ба он бероҳа бурдааст, ҳамон таассуб ва хурофот аст. Зеро то имрӯз таассуб ва хурофот ҳеҷ ҷомеа ва халқеро ба ҷуз аз гумроҳиву гирифториву қафомониву кулфатзадагӣ ба ҷое нарасонидааст.

Вақте мо асолати миллӣ мегӯем, халқу миллати худро даъват ба асилзодагӣ ба наҷобати воқеии таърихии худаш мехонем. Вақте мо дар бораи ҳувият мегӯем, ин даъват ба шинохти худ, шинохти имрӯзу дирӯзи худ, шинохти наҷобату хуҷастагиҳои миллии хеш аст, ки дар бисоту сиришти миллати мо таърихан вуҷуд дорад.



Камол НАСРУЛЛО,
Шоири халқии Тоҷикистон

*Оё ба ахлоқи кадом дину кадом суннати кадом халқ меғунҷад ин рафтор?! Ин аст, далели он, ки хурофот ва таассуб мардуми моро то куҷо гумроҳу гирифтор кардааст, ки дар баъзе мавридҳо ҳатто аз сарҳади инсонигарӣ убур мекунад. Ин аст далел ва натиҷаи эътиқоди кӯркӯрона ба таассубу хурофот ва муллоҳои ифротгаро.*

## ТАҲКУРСИИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

*Тоҷикистони кунунӣ марҳилаеро тай мекунад, ки дар он давлат устувор, миллат сарҷамъ ва иттиҳоди назари мардум аз ҳар вақти дигар зичтар ва созандатар эҳсос мегардад. Ба ин тарзи бардошти амиқ ва ватандӯстона кадом пешшартҳое замина шудаанд? Чӣ омил дар вуҷуди ҳар як меҳандӯст сабаб шудааст, ки худро дар ҷомеа озод, ободкору ватандор ва омили аслии созандагиву пӯёгарӣ бидонад? Сабабу паёмадҳои ин ангезаи боварманд ба нерӯи ботинии худӣ дар чист?*

**МАНИШИ** имрӯзаи шаҳрвандӣ, ки фарогир аст, маҳсули заҳматҳои якҷояи ҷомеаи маданӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ-ҳукуматӣ дар тӯли солиёни дароз мебошад. Эҳсосу дарки ангезаи ватанхоҳӣ мафкураеро ба бор овардааст, ки дар сурати ташаббус ва завқ, фурсатро барои ободкорӣ побарҷо медонад.

Маросимҳои Наврӯзии соли 2016 дар қаламрави ҷумҳурӣ ба таври назаррас нишон дод, ки усули нобии тақвияти ваҳдати вуҷуди мардум дар қиболи таҳдиду хатарҳои нав, аз ҷумла ифротгароӣ, тундравӣ ва даҳшатафканӣ, дар радифи марҳам бахшидан бар масоили иқтисодӣ-иҷтимоӣ, пешниҳоди гузинаи фарҳангӣ мебошад, аз ҷумла расму оинҳои миллӣ, ки хушбахтона ба шарофати замони Истиқлол ҷалолу шукӯҳи густурдаеро касб кардаанд. Ҷомеаҳое, ки таҷрибаи бадтаринро таҷриба кардаанд, аз қабили баъзе кишварҳои Шарқи Миёна, шаҳрвандонашон ба қадри ин ҳолати табиӣ шаклгирифтаи Тоҷикистон мерасанд.

Андешаро метавон танҳо бо андеша ва он ҳам бо ғояву сарбории маънавии мусбат ҷойгузин кард. Вақте коршиносон дар бораи шаклу усулҳои мубориза бо ифротгароӣ изҳори ақида мекунанд, зарур аст, ки аз хазинаи тамаддуни чандҳазорсола, хусусан гуфтумони аҳли илму хирад дар муқобили таҳоҷуми фарҳангӣ ва истилои бегонагонро ба таври васеъ истифода намоянд. Дар зеҳниятсозии мардум дар робита ба таҳдидҳои лаҷомгусехтаи беруна, дастовардҳои на танҳо адабиёти қадим ва муосири ватанӣ, балки тимсоли ҷоннисориҳои қаҳрамонони халқи тоҷик, саҳми онҳо дар муқобила бо бегонапарастӣ ва таҳмили таассуб ба таври назаррас нишон дода шавад.

Маълум аст, ки ҳар як пирӯзӣ пойгоҳҳои муқаддамотии тарғиби муборизаро дар пай дорад ва чӣ тавре дар китобҳои муқаддас овардаанд, "Дар аввал сухан буд". Аз расонидани ҳадафи худ ба ҷонибдорон, ин пайкор шакл мегирад ва оғоз меёбад. Таҳлили таҷрибаи шахсиятҳо ва лашкаркашҳои муваффақ дар ситез бо ҳуҷумҳои хасмона аз он далолат мекунад, ки нутқи суханварӣ ва мафтун кардани пайравон яке аз санъатҳоест, ки муттаҳид будани сафҳои урду ва ҳадафгузориро осон мекунад ва бистари комёбиро хусусан дар ин мавридҳои сарнавиштсоз муҳайё месозад.

Рафъ сохтани шубҳа дар боварҳои мардум, эмин ва масун мондани зеҳни аҳолии кишвар аз ҳамлаҳои иттилоотӣ ба сӯйи созандагӣ аз вазифаҳое мебошад, ки сиёсати роҳбурдии эътимодсози байни ҷомеа аз як сӯ ва дар боло бурдани иқтидори илмӣ-таҳлилии коршиносони ватанӣ, ки вазифаи равшаннамоиро дар мубориза бар зидди терроризм пеша кардаанд аз сӯйи дигар, таҷассум мекунад.

Бошад, ки аз тариқи ашхоси шинохтаи ҷомеа бо расонидани мавзӯъҳои фаҳмо ва дастрас, зарурати ҷонии муқобила бо ин вабои аср - бунёдӣ кардани мубориза бо даҳшатафканиро ҳамчун обу ҳаво дарк намоянд. Аҳамияти ин мавқеъгирӣ дар якҷоягӣ бо силсилачорабиниҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Ҳукумат бинобар авҷгирии "бархӯрди тамаддунҳо" боз аз он лиҳоз зиндагисоз аст, ки бо мурури замон паёмадҳои манфии хатарзои равандҳои ҷаҳонишавиро барои фарҳанг ва тамаддуни тоҷикӣ, бартараф месозад. Ба гуфтаи ҳазрати Ҳофизи Шерозӣ, ки зарурати воқеъбинона ба олами ашёҳо диданро усули ҳатмии рафтори инсонӣ медонист:

*Он гаҳ ки пешгоҳи ҳақиқат шавад аён,*
*Шарманда гардад он ки амал бар маҷоз кард.*

**Фирӯз СОҲИБОВ,**
*таҳлилгари Маркази таҳлилии "Шарқ"*

Минбари халқ
20 апрели соли 2016,
№16 (1048)

**Дар хусуси маданияти баланди фарҳанги тоҷикон, одобу муошират, ҳифзи забони ширину гуворои он, одамгариву одамдӯстӣ, хештаншиносиву ифтихори ватандорӣ, худшиносии миллӣ ва дар пояи хеле баланд пос доштани дину мазҳаби худ таърих гувоҳи барҳақ аст. Мо аз тоҷик буданамон бояд ифтихор дошта бошем ва бифаҳмем, ки тоҷикему дар Тоҷикистони биҳиштосо кору зиндагонӣ мекунем.**

# ИМОН БО ХУДШИНОС АСТ

**УСТОДОНИ** забардасте мисли Рӯдакиву Ҳаким Фирдавсӣ, Анвариву Манучеҳрӣ, Дақиқиву Унсурӣ, Абӯалӣ ибни Синову Умари Хайём, Муслиҳиддин Саъдии Шерозиву Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиву Шайхи Аттор, Ҷалолиддини Балхиву Мирзо Абдулқодири Бедил, Камоли Хуҷандиву Аҳмади Дониш, Садриддин Айниву Мирзо Турсунзода дорем. Андешаву гуфтаҳои онҳоро, ки то имрӯз мақоми хешро нигоҳ дошта омада истодаанд, дастгирӣ намуда, манзалату аҳамияти онҳоро ба дигарон фаҳмонда диҳем. Аз ин хотир, пеш аз ҳама, тафаккури зеҳнӣ, илмӣ, хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, муҳаббати бепоён нисбат ба Ватан-модар, дур аз бегонапарастиву таассуби динӣ ва созмонҳои ифротгаро, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии ҷавонон ва дар ин раванд инкишоф додани ҳушёрии сиёсии онҳо вазифаи фарзии ҳар як шаҳрванд ва сокини кишвари азиз аст. Дар ин ҷода ба ҷавонон майл доштан зарур аст, ки халқ мақоле дорад: "Химчаро дар тарӣ метобанд".

Ҳамчунин, гузаштагони мо дар хусуси ҳангоми ҷавонӣ тарбия кардани фарзанд ва ё дигар хешону наздикон сухани ҳикматомези зиёде гуфтаанд.

Масалан, Хусрави Деҳлавӣ чунин фармудаанд:

***Шав адабомӯз писарро ба пеш,***
***К-ӯ чу қавӣ шуд, натвониш беш.***

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ба ин маънӣ гуфтааст:

***Ҳар кӣ дар хурдиаш адаб накунанд,***
***Дар бузургӣ фалоҳ аз ӯ бархост.***

Чунин ифодаҳо дар тафаккури ҷавонон бояд мавқеи махсус ва марказӣ дошта бошанд.

Ба маврид аст хома кашем, ки пояи чунин назарро аз хона, боғчаи бачагона, мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ оғоз бояд кард. Ин гуна нексириштону дӯстдорони Ватан, ифтихормандону поктинатонро, ки марзу буми кишвар, хоку санги онро пос медоранд, онҳоро миллат дӯст медорад, Худо дӯст медорад!

> **Миллати поку нексиришти тоҷик зишткориҳои душманони хешро солҳои 90-ми асри гузашта аз хотир набаровардааст. Ҳамон рӯзҳо низ ба доми ифротгароён, пеш аз ҳама, нимчамуллоён афтода буданд, ки ин зишткориҳо дар саҳифаи таърихи миллат чун доғи сиёҳ навишта хоҳанд шуд.**



Устод Айнӣ дар очерки таърихии худ "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" бо камоли эҳтироми ватандорӣ, муҳаббати бепоён нисбати Ватан - Модар овардааст, ки вақте миёнбанди қаҳрамони миллат - Темурмаликро мекушоянд, аз байнаш як каф хок ва халтачаеро меёбанд, ки чунин навишта шуда буд:

***Атри кафан зи хоки Ватан***
***кардам орзу,***
***Воҳасрато, ки мебарам***
***ин орзу ба хок.***

Ҳамчунин:

"Эй он кӣ мурдаи ман ба дастат мерасад, агар некхоҳӣ мардумон ва дӯстдори Ватан бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин хок ёдгори Ватани азизи ман аст". Гузаштагони мо роҷеъ ба худогоҳиву худшиносии миллӣ, ифтихори ватандориву шаъну шарафи шаҳрдорӣ, дурӣ аз бегонапарастиву кибру ғурур, некномиву дигар ҷиҳатҳои накӯмандӣ суханҳои ҷозибадоре гуфтаанд, ки ҳеҷ гоҳ арзишҳои волои худро гум нахоҳанд кард.

Дар чунин маврид Фаридаддини Аттор фармуда:

***Ҳар кӣ гашт аз кибр***
***боло гарданаш,***
***Дӯстон гарданд охир душманаш.***

Дар замони муосир тезутунд шудани муносибатҳои геополитикӣ дар байни давлатҳои абарқудрат боиси ривоҷ ёфтани ҳаракатҳои гуногуни ифротгаро гардидааст. Чунин ҳизбу ҳаракатҳое, ки тамоюли динӣ доранд, бевосита аз тарафи давлатҳои манфиатдор маблағгузорӣ карда мешаванд. Ин маблағгузорӣ ба он оварда мерасонад, ки аз як тараф камбизоатон ба сафи онҳо шомил мегарданд, аз тарафи дигар харобиву костагии фарҳангӣ чун занҷири оҳанин онҳоро сӯи хеш мекашад.

Таҳлили ҷашни (1300-солагии Имоми Аъзам (Абӯҳанифа) исбот намуд, ки дини Ислом ва мазҳаби Имоми Аъзам (Абӯҳанифа) бузургтарину одилтарин асту аз чор се ҳиссаи мусалмонони дунё пайрави онанд. Ба тамоми мусалмонони олам маълум гашт, ки ин мазҳаб солим, тавоно, одил, баинсоф, мушфиқ, адолатхоҳу инсонпарвар аст. Вале харобиву заифӣ ва костагиву наздикбинӣ нисбати дини мубини Ислом ба он оварда расондааст, ки ҷараёнҳои дигари динӣ (Ҳизбуттаҳрир, Салафия, Ансоруллоҳ, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, Ҳизби наҳзати ислом, Ҷамоати таблиғ, Ҷамоати исломии Покистон, Ҷабҳаи Аннусра, Ҳаракати толибон, Алқоида, Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ, Давлати исломӣ (ДИИШ) ва ғ.) пайдо гарданд. Тавре ки дар боло ишора намудем, чунин ҳаракатҳои мазҳабӣ бе дастгирии молиявӣ фаъолият карда наметавонанд. Ба ин ишораи мо воқеаҳои 4-уми сентябри соли 2015 рухдодаи ҳизби мамнӯъ эълон шудаи наҳзати исломии Тоҷикистон далели мушаххас аст. Ин ифротгароёни нобакор осмони софи кишварамонро ғуборолуд кардан хоста, халқи осоиштаи ба наздикӣ аз оташи сӯзони ҷанги шаҳрвандӣ халосгаштаро боз ба коми оташ бурдан мехостанд. Вале халқи шарифи кишвар барҳақ ҳис карданд, ки рафтори разилонаи онҳо номақбул асту тирашон хок хоҳад хӯрд! Ба чунин ҳаракатҳои мазҳабӣ, пеш аз ҳама, пулпарастон, оворагардон, бекорон, зуд ҷалб мешаванд.

Пастии фарҳанги динӣ ифротгароиву терроризмро ба майдон меорад, ки ба андешаи мо ҳамин торикиву ғуборолудӣ, беандешагиву нопокии ирода танҳо дар тафаккури сусту нопоки нимчамуллоҳо мушоҳида мегардад ва халқ онҳоро хеле хуб эҳсос кардааст. Миллати поку нексиришти тоҷик зишткориҳои душманони хешро солҳои 90-ми асри гузашта аз хотир набаровардааст. Ҳамон рӯзҳо низ ба доми ифротгароён, пеш аз ҳама, нимчамуллоён афтода буданд, ки ин зишткориҳо дар саҳифаи таърихи миллат чун доғи сиёҳ навишта хоҳанд шуд.

Мо бояд ҳамеша сатҳи ҳушёрии сиёсиамонро такмил диҳем. Бегонае, ки ӯро намешиносем, бо вай сарукор нагирем. Ҳоло мо дар даруни доирае ҷой дорем, ки аз чор тараф муносибатҳои геополитикӣ хуруҷ карда, ашхоси зиёдеро ба коми худ фурӯ мекашанд ва метавонанд, ки сусттафаккуронро ба доми ифротии худ ҳамроҳ намоянд. Дар ин маврид, хайрхоҳу одил ва дилдодаи ифротии ноқобил шудан, онро ба ёд меорад, ки мо қасди ҷони худ ва дигарон дорем. Баъзе ҷавонони мо иродаи суст дошта, ҳар гуна шахси ношиносро меҳмонӣ даъват менамоянд, ба хона мебаранд, меҳмондории зиёд мекунанд, ки ҳатто ному насаби ӯро намедонанд. Агар як ришдори ҷавони 20-22-сола дар маъракае пайдо шавад, ҷавонони мо ба ӯ сари таъзим фуруд меоранд, вале ба зану марди солхӯрда салом намедиҳанд, ҷойи нишаст пешниҳод намекунанд… Вале агар аҷнабие дучор гардад, ӯро насанҷидаву надониста "нури дида, тоҷи сар" мехонанд. Шояд душманони миллати мо, солҳои 90-уми асри гузашта, аз ҳамин хубии содалавҳонаамон истифода бурда, ба якдигар дастбагиребонамон карда бошанд.

Мо бояд ҳамеша тафаккури худро бо фарққунии дӯст аз душман, ростгӯиву ростқавлӣ, ошкорбаёнӣ, дурӣ ҷустан аз ҷараёнҳои зишту беадолату ифлосу ифроту террористӣ такмил диҳем, то касе натавонад моро ба доми нопоки худ фурӯ кашад. Ҳамеша дини мубину софу беолоишу поки худро бо ҷараёнҳои гуногуни ифротӣ, ки нокомиву табоҳӣ ба бор меоранд, олуда насозем ва ҷаҳониёнро бовар кунонем, ки мо тоҷикему тарафдори дини поки Ислом ва ҳеҷ гоҳ барои ғуборолуд шудани он худро манфиатдор намешуморем.

**Ҳ. САФАРОВ,**
*устоди Академияи ВКД ҶТ*
**С. САФАРОВ, М. РАҲМОНОВ,**
*устодони ДМИТ*

# Оби анори озар



**Ин матлаб дар доираи озмуни рӯзноманигорон барои мақолаҳо дар мавзӯи "Ҳайдар Алиев - бунёдгузор ва меъмори Озарбойҷони муосир", ки аз сӯи сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст, таҳия гардида, андешаҳои хабарнигори моро дар робита ба ин шахсияти таърихӣ ва ҷойгоҳи кишваре, ки ӯ замоне раҳбариашро бар уҳда дошт, бозтоб мекунад.**

**ЯКЕ** аз рӯзҳои гарми тобистон буд. Дар фурӯшгоҳ мехостам нӯшоба бихарам. Ҷавони фурӯшанда гуфт: - Агар нӯшобаи ҳақиқӣ хӯрдан хоҳед, аз ин бигиред, нархаш каме фарқ мекунад, вале аз нӯшиданаш ҳаловат мебареду ҳам фоидаашро мебинед.

Фурӯшанда шишаеро, ки болояш барчаспе бо сурати анори дукафон бо донаҳои марворидии сурх ва навиштаи зарҳалии "Оби анори Озарбойҷон"-ро дошт, пешам гузошт.

Тааҷҷубовар буд, чунки дар чанд даҳсолаи ахир мо бештар ба маводи ғизоии чинию баъзе анвои хӯрдании худсохт, вале бо тамғаҳои ширкатҳои хориҷӣ одат кардаем, дидани маҳсулоти сохти корхонае аз кишвари Озарбойҷон бароям чизи нав буд. Навиштори барчаспи рӯи шишаро мехондаму фикр мекардам, ки гирам ё нагирам. Дудилагиамро гӯё пай бурд, ки фурӯшанда таъкид кард: - Гиред, пушаймон намешавед, пас аз хӯрдан раҳмат мегӯед.

Аммо акнун ёди ман ба Озарбойҷони дур, рӯйдодҳои оғози даврони шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ва замони истиқлолхоҳии ҷумҳуриҳои собиқи ин кишвари абарқудрат, часпу талоши раҳбарон барои ҳифзи суботу оромӣ ва пешгирӣ аз пора шудани ин ҷумҳуриҳо рафта буд.

Дар ибтидои он даврони бо мадду ҷазри сиёсӣ, рӯйдодҳое, ки дар Озарбойҷону Тоҷикистон мегузашт, бо ҳам шабоҳате доштанд. Ҳам он ҷо ва ҳам дар кишвари мо қувваҳое бо ёрии коргардону дастандаркорони ин воқеаҳо аз хориҷаи дуру наздик дар талоши амалӣ намудани барномаҳояшон буданд.

Онҷо ҳам қувваҳои ба ном мухолиф бо шӯр андохтани ҷомеа аркони давлатро аз бунёд ларзонаку бебақо карда буданд. Ҳам дар Озарбойҷон ва ҳам дар кишвари мо шиорҳое бо муҳтавои ҳимоят аз ҳувияти миллию мазҳабӣ ва шикастани режими коммунистию барпо кардани ҷомеаи демократӣ, баргузории интихоботи шаффоф, таъмини озодии баён… истифода шуда, мардумро ба кӯчаҳо кашиданд.

Аммо ин монандии рӯйдодҳо дар ибтидои ҳамон марҳала буд, зеро ба бахти мардуми озар, шахсияте бо номи Ҳайдар Алиев дар саҳнаи сиёсӣ буду тавонист, ки пеши роҳи бесуботиҳои бештарро дар сароғоз гирад, вале Тоҷикистон гирифтори як ҷанге шуд, ки панҷ сол давом кард…

Ӯ буд, ки бо тавону таҷрибаи раҳбарӣ ва эҳтироме, ки дошт, ҷомеаи Озарбойҷонро аз гумроҳӣ ба масири дурусти инкишоф баргардонд. Дар дили мардум дубора боварӣ ба оянда ва талош барои созандагӣ пайдо шуд.

Ҳ. Алиев соли 1993 замоне, ки ин кишвар гирифтори вазъи ноором, бесуботиҳои сиёсӣ ва низомӣ буд, президенти Озарбойҷон интихоб гардид. Озариҳо бо интихоби ӯ аз идомаи бесуботиҳо дар кишварашон пешгирӣ карданд. Бо ин бозгашт ба саҳнаи сиёсату раҳбарӣ ӯ бо сарфи тавон, хирад ва бар ивази саломативу ҷонояндаи босуботи Озарбойҷонро дар муддати 10 сол барқарор намуд.

Корҳои анҷомдодаи ин шахсияти таърихӣ идома ва иловаи он иқдомоте буд, ки дар тӯли даврони аввали раҳбариаш солҳои 1969-1982 дар Озарбойҷон ба иҷро расонда буд.

Дар таҳқиқоте, ки дар робита ба фаъолияти раҳбарии Ҳайдар Алиев анҷом шудааст, ин иқдомот ба таври васеъ зикр ва тавзеҳ мешавад . Дар ҳамин давра буд, ки пас аз талошҳои зиёди Ҳ. Алиев ва бо мусоидати гурӯҳи намояндагони САҲА ва Русия созишномаи оташбас байни Арманистону Озарбойҷон барои хатми ҷанг дар Қарабоғи Кӯҳӣ ба имзо расид.

Агарчӣ баҳс, низову мунокишаи ду кишвар то ба ҳол рӯи ин минтақа поён наёфтааст, вале дар ҳамон марҳалаи барои ҳар ду кишвар вазнин шароите фароҳам шуд, ки аз як ҷанги густурда ҷилавгирӣ шавад. Ҳарчанд дар ҳафтаи гузашта дар ин минтақа аз нав даргириҳои мусаллаҳона оғоз ёфтанд, вале он санаде, ки дар гузашта ба имзо расида буд, заминаи муносиберо барои раҳоӣ аз ҳар гуна буҳрони тоза дар ин минтақа фароҳам кардааст. (Хабаргузориҳо 2 апрел аз оғози ҷангҳои сахт миёни Арманистону Озарбойҷон иттилоъ доданд. Дар гузоришҳо таъкид мешавад, ки дар 22 соли пас аз имзои санади оташбас ин гуна задухӯрди густурда ба вуқӯъ наёмада буд. Низои Қарабоғ соли 1988 пас аз эълони аз таркиби Озарбойҷон хориҷ шудани вилояти мухтори Қарабоғи Кӯҳӣ сар зад. Соли 1994 дар Бишкек созишномаи оташбас ба имзо расид. Тарафҳо ба имзои ин санад замоне иқдом карданд, ки дар шаш соли ҷанг беш аз 30 ҳазор нафар кушта шуданд.)

Озарбойҷон ҳанӯз дар солҳои 1970- 1980, ки давраи аввали раҳбарии Ҳ. Алиев буд, дар баробари рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба инкишофи соҳаи кишоварзӣ ҳам диққати ҷиддӣ дод. Тибқи маълумоти оморӣ, дар ин давра танҳо истеҳсоли ангур аз 200 ҳазор тонна ба 2 миллион тонна афзоиш ёфт. Дар баробари ин майдони кишту парвариши дигар навъҳои зироати кишоварзӣ, аз ҷумла пахтакорӣ ва анорпарварӣ ҳам тавсиа пайдо кард. Он чӣ, ки имрӯз Озарбойҷон дар ҷиҳати содироти маҳсулоти ин зироатҳо ба кишварҳои ҳамсуд ҷои намоёнро мегирад, маҳсули хирад ва аз натиҷаҳои фаъолияти раҳбарии Ҳ. Алиев аст.

Ин ҷо мо ба давраи кори ин марди бузург дар вазифаҳои баланд дар Москва руҷӯъ намекунем. Аммо лозим аст, ки аз бозгашти ӯ дар соли 1990 ба Боку ва замони зисту фаъолияташ дар Нахҷавон ёдовар шавем. Ҳ. Алиев моҳи июн ба Озарбойҷон баргашта, як муддат дар Боку зиста, аммо ба далели ноором будани вазъ ба Нахҷавон, зодгоҳи худ кӯчид. Аз ин минтақа вакили Шӯрои Олии Озарбойҷон интихоб шуд ва ҳамзамон солҳои 1991-1993 раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии мухтори Нахҷавон буд. Дар ҳамон солҳо ӯ аз бесуботиҳо дар ин минтақа, ки дар муҳосираи иқтисодӣ қарор дошт, пешгирӣ кард. Хато намекунем, агар гӯем, ки тарҳи низоми нави давлати Озарбойҷон маҳз дар даврони раҳбарӣ дар ин минтақа таҳия, баъд дар сатҳи кишвар ҳам иҷро шуд.

Он солҳо дар пайи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Озарбойҷон ҳам қувваҳои мухолиф сари қудрат омаданд. Ин нерӯҳо таҳти номи Ҷабҳаи халқӣ ҳукуматро соҳиб шуданд, аммо дар натиҷаи шиддат гирифтани буҳрони ҳукуматӣ хатари воқеии ҷанги шаҳрвандӣ ва аз байн рафтани давлат пеш омад. Сабаб ин буд, ки тобистони соли 1993 бо тақозои мардум Ҳайдар Алиев ба Боку баргашт. 15 июни соли 1993 Раиси Шӯрои Олии Озарбойҷон интихоб гардид. Мардум бозгашти ӯро бо умед ва хурсандии бепоён қабул карданд Аз ин сабаб имрӯз дар таърихи Озарбойҷон ба унвони Рӯзи наҷоти миллӣ шинохта мешавад.

Аз 24 июли соли 1993, тибқи қарори парлумон, Ҳайдар Алиев ба амалӣ намудани ваколати Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон оғоз кард. Аввалин фармонаш дар ин вазифа барои пайвастан ба аъзои ИДМ, бо мақсади барқарор намудани робитаҳои гумшуда бо Русия ва дигар кишварҳои ин ҷомеа ба имзо расид. 24 сентябр Ҳ. Алиев Эъломияи Алма-ато, Оинномаи ИДМ ва Паймони амнияти дастаҷамъиро ҳам ба имзо расонд. Рӯзи дигар бо Левон Тер-Петросян Президенти Ҷумҳурии Арманистон, ки бо Озарбойҷон дар ҳолати ҷанг буд, мулоқот намуд. Дар ҳамон давра яке аз вазифаҳои худро ҳар чӣ зуд поён додани ҷанг дар Қарабоғи Кӯҳӣ эълон кард. Мубориза барои ҳалли одилонаи низои Арманистон-Озарбойҷон рӯи масъалаи Қарабоғ аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҳайдар Алиев буд. Масъалае, ки бо гузашти даҳсолаҳо дар дастури кори мақомоти ин кишвар аст.

Раванди ҳалли ин низоъ чанд марҳаларо гузашта бошад ҳам, вале охири баҳс ҳанӯз маълум нест. Зеро бар асоси иддаои Боку, то ба ҳол як қисми қаламрави Озарбойҷон ишғолшуда аз сӯи Арманистон боқӣ мемонад.

Мардуми Озарбойҷон ва дӯстони ин кишвар дар саросари ҷаҳон аз раҳбари пешини ин кишвар Ҳайдар Алиев ҳамеша ва ба некӣ ёд мекунанд. Раҳбаре, ки дар таъмини субот, рушд ва ҳифзи дастовардҳои истиқлоли кишвараш саҳми арзишманд гузоштааст. Робитаи хубе, ки Тоҷикистон бо ин кишвар дорад, имкон фароҳам намуда, ки мо ҳам аз дастовардҳои миллии озариҳо баҳравар шавем.

***Ӯ буд, ки бо тавону таҷрибаи раҳбарӣ ва эҳтироме, ки дошт, ҷомеаи Озарбойҷонро аз гумроҳӣ ба масири дурусти инкишоф баргардонд. Дар дили мардум дубора боварӣ ба оянда ва талош барои созандагӣ пайдо шуд.***






...Воқеан ҳамон рӯз ба гапҳои он фурӯшанда эътимод намуда, оби анор харидам.

Нархи баланде ҳам надошт. Чун ба хона бурда шишаашро кушода ба таври санҷиш пиёлае нӯшидам, мазаи гуворои он эҳсосоти хушеро дар ҷисмам бедор кард.

Оби анор лаззати воқеӣ дошт ва аз он нӯшобаҳое, ки бо барчаспҳои гуногуну ранга дар ҳар сари қадам мефурӯшанд, фарқ мекард. Таъми ҳамон анореро дошт, ки дар кӯдакӣ аз боғи падарӣ канда, обашро фишурда мехӯрдем. Ба назарам аҷиб буд, дар шароите, ки ҳама маводи хӯрданию нӯшиданӣ ба таври сунъӣ ва ғайри табиӣ, бо истифода аз моддаҳои кимиёӣ тайёр ва фурӯхта мешавад, дар шишаҳое бо дизайни зебо аз Озарбойҷони дур оби анори ҳақиқиро барои мо овардаанд. Дар як муддати кутоҳ ман дӯстдори ин нӯшоба шудам. Ҳоло ҳар замоне имкон даст диҳад, як не, чанд шиша аз он мехарам, дар хона захира карда, ҳар гоҳ хумораш гирад, ҷуръае менӯшам. На фақат оби анор, балки шишаи базебу дилкаш сохташудаи он низ дигар ҳамнишину ҳамрозам аст. Ба ин маънӣ, ки дар хона, болои мизи кориам бештари вақт онро мегузорам ва андаке эҳсоси беҳавсалагӣ ва ё хастагӣ пайдо шавад, каме нӯши ҷон мекунам. Оби асили анори Озарбойҷон хастагии мағзи сарро аз байн мебарад, дилро қувват бахшида, касро чолоку рухро арғувонӣ мекунад. Ба ҳар ҳол барои ман чунин аст.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

Минбари халқ
20 апрели соли 2016,
№16 (1048)

# Лампаҳои "сӯхта"-ро ба куҷо супорем...?



**Экологҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз мавридҳои ба партовгоҳҳои маишӣ партофта шудани лампа ё фурӯзонакҳои каммасраф ҳушдор медиҳанд.**

БА гуфтаи экологҳо, лампаҳои каммасраф дар дохили худ як миқдор симоб доранд ва дар сурати ба партовгоҳ партофтан ва шикастан, симоб бухор шуда ба саломатии одамон таҳдид мекунад, зеро ин бухор дорои ангезандаҳои саратон аст.

Чунонки маълум аст, соли 2009 барои беҳдошти шароити иҷтимоии мардум ва сарфа намудани нерӯи барқ Асосгузори сулҳу ваҳдат ва пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи тадбирҳои иловагии истифодаи сарфаҷӯёнаи энергия" Фармон ба тасвиб расонд. Аз рӯи маълумоти ҳамонвақтаи ШСХК "Барқи тоҷик", вобаста ба истифодаи лампаҳои каммасраф истифодаи барқ аз ҷониби аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ҳар рӯз то 7-7,5 миллион кВ/т соат кам гашта, энергияи сарфашуда дар корҳои истеҳсолӣ самаранок истифода бурда мешавад.

Дар ин хусус ба аҳолӣ масъулини ШСХК "Барқи тоҷик" мужда расонданд, ки як лампаи тафсони 100 - ватта дар даҳ соати фурӯзон будан 1 кВт ё худ 6 дирам кор мекунад, ҳамзамон лампаҳои люминестсентӣ дар 20 соат, лампаҳои каммасрафи рӯшноии диодӣ бошанд, дар 50 соати фурӯзон будан 1 кВт ё худ 6 дирам масраф мекунанд. Инчунин масъулин афзуданд, ки дар ҳолати як ватт хароҷот намудан рӯшноибахшии лампаҳои диодӣ нисбат ба лампаҳои тафсон 8 маротиба ва нисбат ба лампаҳои люминестсентӣ 1,3 баробар зиёданд.

Аз рӯи ин нишондод бармеояд, ки раванди истеҳсоли ин намуди лампаҳо дар ҷумҳурӣ хуб аст.

Дуруст, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ гирем, аз лампаҳои иличӣ гузаштан ба лампаҳои каммасраф оид ба сарфаҷӯёна истифодабарии энергия ба корхонаю муассисаҳо ва аҳолӣ шояд таъсири мусбати худро расонида бошад. Аз ҷиҳати дигар, паҳлӯҳои манфии масъала низ ҷой доранд.

Миқдори симоб, ки дар ҳолати агрегатӣ дар шакли буғ мавҷуд аст, дар лампаҳои стандартии люминестсентӣ 20-100 мг, дар лампаҳои каммасраф аз 2 то 7 мг-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯи таснифоти гигиенӣ, симоб ба гурӯҳи якуми моддаҳои хатарнок дохил мегардад. Ҳадди ҷоизи консентратсияи симоб (ПДК) дар таркиби ҳавои атмосферӣ ва дар ҳавои манзилҳои истиқоматӣ ва биноҳои ҷамъиятӣ 0,0003 мг/м мебошад. Дар биноҳои маҳкам дар натиҷаи шикастани як дона лампаи ҳадди консентратсияи симоб то ба 0,05 мг/м 3 расида аз ҳадди ҷоиз 160 маротиб зиёдтар аст. Ба ҳавои атмосферӣ ворид гаштани буғи симоб метавонад, сабабгори заҳролудшавии гирду атроф гардад. Ҳамчунин бо гузашти вақт ба иллатнок гаштани системаи асаб, ҷигар,гурдаҳо ва узвҳои ҳозимаи инсон боис мегардад.

Тибқи маълумоти Ассотсиатсияи британиёии дерматологҳо, ба бемориҳои гуногун бештар одамоне дучор мешаванд, ки пӯсташон нисбат ба рӯшноӣ ҳисси баланд доранд.

Бинобар ин ҳам, тарафи манфии лампаҳои каммасраф аз ҷониби мутахассисону коршиносон мавриди омӯзиш қарор гирифт ва баъди таҳлилу тадқиқотҳо бо мақсади пешгирии ифлосшавии муҳити зист Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011 № 97 "Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор", "Қоидаҳои ҷамъоварии лампаҳои аз истифода баромадаи симобдор аз аҳолӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ташкили нигаҳдорӣ, интиқол ва безараргардонии онҳо" ба тасвиб расид. Бино ба маълумоти намояндаи Бозрасии ҳифзи муҳити зисти минтақаи Кӯлоб, ошкор гашт, ки дар раванди амалигардонии ин қарор аз тарафи мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб вилояти Хатлон чораҳои даҳлдор қабул гардидаанд, аммо рафти иҷрои он дуруст ба роҳ монда нашуда, дар корхонаҳо ва ҷамоатҳо оид ба иҷрои ин қарор беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд ё умуман риоя намекунанд.

Чунончӣ, рафти иҷроиши Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Дарғара, Фархор ва Восеъ танҳо дар нуқтаҳои алоҳида нисбатан хубтар ба роҳ монда шуда бошад ҳам, дар дигар ноҳияҳо, бахусус ҷамоатҳо тамоман кор дар ин самт ба талабот ҷавобгӯ нест.

Таҷлили санҷишҳои экологи нишон дод, ки ҷамъоварии лампаҳои симобдори аз истифода баромадаи аз аҳолӣ ба низом дароварда нашуда, макони қабул ва нигоҳдории лампаҳои корношоям ба талаботи боби 4-уми қоидаҳои тасдиқгардида ҷавобгӯй намебошад. Дар нуқтаҳои қабул баҳисобгирии лампаҳои корношоям мутобиқи боби 5-уми қоида ташкил нашудааст.

-Айни замон дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар бахши безараргардонии лампаҳои симобдори аз истифода баромада ягон технологияи муосир ворид нашудааст ва коргоҳи безараргардонии чунин лампаҳо вуҷуд надорад. Дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб нуқтаи қабули лампаҳои аз истифодабаромада ташкил шудааст. Аз ин лиҳоз, ин намуди лампаҳо дар ҷойҳои ғайрирасмӣ, партовгоҳи партовҳои сахтӣ маишӣ ва ё нигаҳдории дарозмуддати онҳо дар анборхонаҳо ба чашм мерасанд. Танҳо дар анборҳои намояндагиҳои "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ва идораҳои шабакаҳои барқи шаҳру ноҳияҳои минтақа аз соли 2009 то ба ин моҳи апрели соли 2016 аз руи ҳисоботи экологҳо ҳазорҳо дона фурӯзонакҳои симобдор ғун шудаанд, - изҳор дошт намояндаи Бозрасии ҳифзи муҳити зисти минтақаи Кӯлоб.

Мувофиқи нақша, ҳар корхонаи саноатӣ ва давлатӣ ба анбори махсус фурӯзонакҳои каммасрафи аз истифода баромадаро месупоранд. То имрӯз дар анборҳои махсус миқдори зиёди лампаҳои каммасраф ҷамъ шудаанд. Аммо тақдири минбаъдаи ин лампаҳо то ҳол маълум нест. Зикр кардан ба маврид аст, ки мувофиқи қоида ва меъёрҳои санитарӣ ҚМС2.1.7.020-09 лампаҳои дар таркибашон симоб дошта, ба гурҳи Г-и партовҳо дохил мешаванд, ки бояд дар ҷойи махсус гӯронида шаванд. Корбарӣ дар ин самт оид ба фаҳмондадиҳӣ ба аҳолӣ нисбат ба зарари лампаҳои симобдор, ҷамъоварӣ дар ҷойи алоҳидаи муайяншуда суст ба роҳ монда шудааст.

Ҳанӯз соли 2010 бо супориши роҳбарияти вилояти Хатлон сардори Бозрасии ҳифзи муҳити зисти минтақаи Кӯлоб ду тарзи таҷҳизоти коркард ва безараргардонии лампаҳои симобдорои истеҳсоли давлатҳои Чину Русияро ба роҳбарияти шаҳр ва харидори пешниҳод карда буд.

Партофтани партовҳо, аз ҷумла лампаҳои каммасраф дар ҷойҳои номуайян намояндагони парлумони кишварро низ ба ташвиш овард, ки чанде қабл ба Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ" тағйиру иловаҳо ворид намуд. Ҳамакнун дар пайи чунин тағйирот, масъулияти ҳукуматҳои иҷроияи маҳаллӣ ҷиҳати таъмини амнияти экологӣ шадидтар гардид.

Ҳаёти имрӯза чунин аст, ки лампаҳои симобдор дар нуқтаҳои муваққатии партовҷамъкунӣ паҳну парешон хобидаанд, ки ин ба ифлосшавии муҳити зист оварда мерасонад.

Ин ҳам дар ҳолест, ки мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зисти минтақаи Кӯлоб бунёди як корхонаи хурди коркард ва безарар гардонидани лампаҳои каммасрафи корношоямро дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтппа роҳи ҳалли масъала арзёбӣ мекунанд, ки амалишавии он боз ба маблағ вобастагӣ дорад.

**Шарифхон ТИЛЛОЕВ,**
*рӯзноманигор*

# ПАРТОВРО КАМ КУНЕД!

**Ҷамъоварӣ ва тоза кардани партови маишии сокинони шаҳрҳо яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳукуматҳои тамоми кишварҳо ба шумор меравад. Зеро аксар одамон сарватҳои табииро ба манфиати худ истифода намуда, ба ивазаш ба сайёра ҳавою оби ифлос ва замини пур аз тӯдаи партовро "туҳфа" мекунанд. Ин носипосӣ билохира худи инсонро заҳролуду бемор месозад.**



Ҳар як партове, ки хунукназарона ба табиат партофта мешавад, зарараш ба инсон бармегардад. Аз ҷумла коғазу картон, чӯб, пасмондаи хӯрок, воситаҳои синтетикии шӯяндагӣ, матоъ, зарфҳои шишагин, оҳанпораву сим ва ғайра ба табиат ва инсон то андозае зарар мерасонанд. Масалан, пасмондаи хӯроки партофташуда ҳашарот, ҷонварони хурд ва хояндаҳоро ҷалб мекунад. Як қисми ин ҷонварон дар ҳавои кушод бо сабабе мемиранду ҷасадашон ба манбаи хатарноки паҳншавии бактерияву сироятҳо табдил меёбанд. Ин бактерияҳо тавассути паррандагон ва дигар ҷонварон метавонанд ба маҳалли зисти одамон паҳн шаванд. Аз ин рӯ, мушкилоти партовҳо дар сайёраи мо дар баробари ифлосшавии радиоактивӣ меистад.

Аз рӯи маълумоти маҷаллаи "Science Daily" ҳар сол дар 192 мамлакат тақрибан 275 миллион тонна партови пластикӣ ҷамъ мешавад, ки аз ин қариб 3 дар садаш (зиёда аз 8 миллион тонна) ба баҳр ва уқёнусҳо мерезанд. Мувофиқи баҳодиҳии коршиносон аз ҳама бештар партови пластикӣ (2, 4 миллион тонна) аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ба уқёнуси ҷаҳонӣ мерезад. Индонезия, Филиппин, Ветнам, Шри-Ланка, Тайланд, Миср ва Нигерия низ мисли кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ва ИМА ба бистгонаи ифлоскунандагони асосии баҳру уқёнусҳо дохил мешаванд.

Баъзе кишварҳои пешрафта партовро дар таҷҳизоти махсус сӯзонида, бо ёрии он нерӯи барқ ва оби гарм мегиранд. Аз ин усули маҳвкунии партов ба табиат камтар зарар мерасад. Аммо дар он ҷое, ки партовро беназорат месӯзонанд, ҳаво ифлос шуда, боиси заҳролудшавии табиат ва дигаргуншавии иқлим мегардад. Аз рӯи ҳисоби гуруҳи муҳаққиқон бо сарварии Кристин Видинмайер ҳамасола 41 дар сади партовҳои ҷаҳон, ки тақрибан 1, 1 миллиард тоннаро ташкил медиҳад, беназорат сӯзонида мешавад. Беназорат сӯзонидани партов дар Чин, Ҳиндустон, Бразилия ва Мексика бештар ба назар мерасад.

Безарар накардани партов ва дар ҳавои кушоду манбаъҳои об партофтани он боиси паҳншавии бемориҳои роҳи нафас, диарея (шикамрав), домана, исҳоли хунин, вараҷа ва ғайра мегардад. Соли 2000-ум аҳолии тамоми ҷаҳон 12, 6 миллиард тонна партов бароварда буд, ки ба ҳар кадом сокини сайёра 2 тонна рост меояд. Агар муносибат бо партов дигар нашавад, то соли 2050 ҳаҷми партови маишӣ соле ба 26,7 миллиард тонна хоҳад расид.

Ба мақсади кам кардани партов ва ба роҳ мондани муносибати оқилона ба обу замин ва ҳаво ҳар сол дар бисёр кишварҳои дунё 15 апрелро чун Рӯзи донишҳои экологӣ таҷлил мекунанд. Ҳадафи асосии ин санаи муҳим ҷалби сокинони сайёра ба ҳифзи табиат мебошад. Соли 1992 дар ҳамин рӯз дар шаҳри Рио де Жанейрои Бразилия конфронси байналмилалӣ бахшида ба ҳифзи муҳити зист баргузор гардид. Иштирокчиёни он зарурати омӯзиши донишҳои экологиро таъкид намуданд. Аз соли 1993 сар карда, ҳар сол дар бисёр кишварҳо 15 апрел чорабиниҳои зиёде, аз қабили намоиши китобу маҷаллаҳои экологӣ, семинару конфронсҳо ва намоишҳои театрикунонидашуда баргузор мешавад. Мутахассисони соҳа пешниҳод кардаанд, ки дониши экологӣ бояд тибқи нақшаи оила-боғча-мактаб-муассисаи таълимии олӣ омӯзонида шавад. Ҳар қадар муҳаббати одамон ба табиат зиёд бошад, ҳамон қадар муҳит покиза, об зулол ва ҳаво беғубор мегардад.

**С. СУННАТӢ**

# ДАЪВОИ БЕАСОС

**Ҷиҳати ичрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2009, тахти № 622 "Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма", муовини якуми Раиси Суди Олӣ А. Ашӯрзода ба мақолаи "Оё ба хонаи мероси модарам ҳуқуқ дорам?", ки дар рӯзномаи "Минбари халқ" тахти № 9 (1041) аз 2 марти соли 2016 ба табъ расидааст, чунин посух дод:**

Аз маводҳои парвандаи гражданӣ бармеояд, ки даъвогар Шарипов Ш. Қ. ба суд бо аризаи даъвогӣ нисбати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав, Кумитаи заминсозии ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Сабо ва сокинони ҳамин ноҳия Юсупов Ғ. Б. ва Юсупов Д. Б. дар бораи барқарор кардани мӯҳлати даъво, бекор кардани Қарори Раиси ноҳияи Шаҳринав, тахти № 603 аз 12 декабри соли 2011, эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба хонаи истиқоматии худсарона сохташуда ва эътирофи ҳуқуқи моликии марҳум модараш Қиёмова С. нисбати манзили истиқоматӣ муроҷиат намудааст.

Шарипов Ш. Қ. даъвояшро чунин асоснок кардааст, ки манзили истиқоматии воқеъ дар деҳаи Қадиҷӯйбор, ҷамоати деҳоти Сабои ноҳияи Шаҳринав бо 0, 15 га қитъаи замини наздиҳавлигиаш дар асоси қайди дафтари хоҷагии ҷамоати деҳоти Сабо ба марҳум модараш Қиёмова С. тааллуқ доштааст, аммо манзили меросӣ бо Қарори Раиси ноҳияи Шаҳринав аз 12 декабри соли 2011 ба ҷавобгар Юсупов Ғ. Б. -писари тағояш Юсупов Б. вобаста карда шуда, номбурда сертификати ҳуқуқи истифодаи заминро гирифтааст.

... Омӯзиши парвандаи гражданӣ нишон дод, ки Қиёмова С. бо писараш Шарипов Ш. Қ. соли 1951 аз ноҳияи Рашт (собиқ Ғарм) пас аз заминларза ҳамчун муҳоҷир ба ноҳияи Шаҳринав омадааст.

Суди марҳилаи якум муайян кардааст, ки мувофиқи маълумотномаи пешниҳодкардаи филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Ҳисор аз 13 сентябри соли 2011, тахти № 633/1 дар солҳои 1955-1957 дар дафтари хоҷагидории собиқ колхози ба номи Фрунзеи ноҳияи Шаҳринав, тахти № 215 ба номи Қиёмова С. ҳамчун сардори хоҷагӣ ва писараш Шарипов Ш. Қ. 0, 15 га қитъаи замини наздиҳавлигӣ сабт шудааст. Дар қитъаи замини номбурда бо ёрдами колхозчиён ва истиқоматкунандагони деҳаи Қадиҷӯйбор барои Қиёмова С. ва писариноболиғаш ҳуҷраи зист бо пешдолон сохта додаанд.

Қиёмова Сайлӣ соли 1961 бинобар беморӣ вафот кардааст. Пас аз вафоти модараш Шарипов Ш. Қ. чанд муддат ҳамроҳи тағояш Юсупов Б. дар манзили номбурда зиндагонӣ карда, аз соли 1968 аз ноҳияи Шаҳринав баромада, Омӯзишгоҳи касбӣ-техникиро хатм намуда, то соли 1980 дар шаҳри Душанбе кор ва истиқомат кардааст. Соли 1980 ба ӯ ва оилааш аз шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, бинои 26, хуҷраи 2 манзили истиқоматии дуҳуҷрагӣ додаанд, ки то ҳол дар он истиқомат карда истодааст.

Суди марҳилаи якум муайян кардааст, манзили истиқоматие, ки солҳои 1955-1957 сохта шуда, ки Шарипов Ш. Қ. бо модараш Қиёмова С. дар он зиндагонӣ кардаанд, айни ҳол вуҷуд надорад. Аз хулосаи ташхиси судӣ сохтмонӣ-техникӣ тахти № 21-4926 аз 4 декабри соли 2013 бо парвандаи гражданӣ гузаронидашуда, бармеояд, ки манзили истиқоматие, ки айни ҳол ҷавобгарон Юсуповҳо бо аҳли оилаашон истиқомат карда истодаанд ва тахти литерҳои 1/1 ва литери 1\2 ба қайд гирифта шудаанд, аз ҷониби Юсуповҳо солҳои 1973 ва 1983 сохта шудаанд.

Аз маводи парвандаи гражданӣ бармеояд, ки дар асоси муроҷиати Юсупов Ғ. бо Қарори Раиси ноҳияи Шаҳринав аз 12 декабри соли 2011, тахти № 603 ба Юсупов Ғ. Б. қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба масоҳати 1432, 5 метри мураббаъ, аз он 318, 2 метри мураббаъ зери сохтмон 1114, 3 метри мураббаъ зери майдон барои истифодаи якумраи меросӣ вобаста карда шудааст.

Суди марҳилаи якум муайян кардааст, ки даъвогар Шарипов Ш. Қ. ягон ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда вобаста ба қитъаи замин ва манзили истиқоматии баҳсӣ ба номи худ надорад ва ба суд далели тасдиққкунандаи ба номи марҳум модараш ҷудо карда шудани қитъаи замини баҳсиро пешниҳод накарда талаботи даъвогиашро пас аз гузаштани 50 сол баъд аз вафоти модараш Қиёмова С. пешниҳод кардааст.

Бар замми ин, дар лаҳзаи баррасии парвандаи гражданӣ муайян шудааст, хонае, ки дар он марҳум модари Шарипов Ш. Қ. зиндагонӣ мекард, мавҷуд набуда, балки манзили истиқоматие вуҷуд дорад, ки дар он ҷавобгарон зиндагонӣ карда истода, онро солҳои 1970 асри гузашта сохтаанд. Бо назардошти ҳолати номбурда хонаи мазкур наметавонад амволи мероси модари даъвогар- Қиёмова С., ки соли 1961 вафот кардааст, эътироф карда шавад.

Бинобар ин, Суди Олӣ чунин меҳисобад, ки мақолаи номбурда вобаста ба ҳалли баҳс беасос буда, мақомоти судӣ баҳси мазкурро дар доираи талаботи пешниҳодгардида бо риояи талаботи қонун, тахти баррасии судӣ қарор дода, вобаста ба ҳалли он санадҳои қонунӣ ва асоснок қабул намудаанд, ки асос барои бекор кардан ё тағйир додани онҳо мавҷуд нест.

Акси садо

# ИЛМ АЗ ҲИЛМ ХЕЗАД

*(Посухи кӯтоҳи охирин ба "Раднома"-и А.Суруш. - "Минбари халқ", 6-уми апрели соли 2016)*

Тақризҳое, ки аз ҷониби банда ба ҳар ду нашри "Девон"-и Шайх Камоли Хуҷандӣ дар таҳияи С.Саидов ва А.Суруш (Хуҷанд, 2011; 2015) навишта шуда, дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" чоп шудаанд, ("дар ҳошияи "Девони Камоли Хуҷандӣ, 27 августи 2015; "Макун, хоҷа, ислоҳ шеъри Камол", 26-ноябри 2015) на барои минбарбарой ва изҳори фазл, балки бо нияти хайр ва нигаҳдошти эҳтироми касоне, ки дар нашри онҳо заҳмат кашидаанду саҳм гузоштаанд, пешниҳод гардидаанд. Мақсади асосӣ аз онҳо ин буд, ки ҳар касе ҳини бархурдорӣ аз ин нашрҳо баъзе анвои ғалату иштибоҳоти дар онҳо рафтаро ба инобат бигирад. Имкон дорад, ки сароянадагон, шогирдони мактабҳои таълимоти мутавасситу олӣ, муҳаққиқон ва умуман доираи васеи хонандагон аз онҳо истифода кунанд. Биноан донистани бархе аз иштибоҳоти руҳдода дар онҳо ҳам барои хонандагон ва ҳам барои худи мураттибон холӣ аз аҳамият набуд. Аммо дар бархурдҳои илмӣ даромадан ба кашокаш, тундравӣ, таҳқири шахсият ва паст задани шаъни инсон раво нест ва чунин рафтор нишони донишмандӣ ва фазилат ҳам нест.

Агар банда хоста бошам, ки ба мақолаи А.Суруш посух бигӯям, ҳатман боз як мақолаи афзун бар навиштаҳои ӯ, рӯи коғаз меояд, вале бе ин ҳам, аз худи матни мақолаи ӯ барои хонандаи закӣ ҳувайдост, кӣ ҳақу ботил кадом аст. Инро ҳам мебинам, ки тафсили ҳар мушкили мураттиб дар дарки маънои суханони Хоҷа Камол ва тавзеҳи дубораи рафторҳояш ба ҷуз бори хотири номбурда ва соири хонандагони рӯзнома гардидан фоидаи дигаре нахоҳад дошт. Махсусан, ки дар муҳокимарониҳои муаллифи номбурда нафс бар ақлу адабаш ғалаба дорад. Вассалом.

**Бадриддин МАҚСУДОВ**, *устоди ДМТ*

# ИМРӮЗИ СИРКИ ТОҶИК

**Солҳои охир дар Муассисаи давлатии "Сирки давлатии Тоҷикистон", бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талоши роҳбарияти худи муассиса дигаргуниҳои назаррас ба мушоҳида мерасад.**

Бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда бинои сирк таъмир гардида, ҳамаи нишастгоҳҳо барои тамошобинон иваз шуданд. Ҳолати равшанидиҳии саҳнаи он низ тағйироти куллӣ дид. Ҳамзамон як қисми бошишгоҳҳои муваққатӣ ва доимӣ барои ҳайвоноти хонагиву ваҳшӣ, паррандагон, хазандагон аз таъмир бароварда шуда, қисми дигар дар ҳоли таъмир аст.

Ашӯр Раҷабов, директори генералии муассисаи мазкур мегӯяд, ки ҳоло аз корҳои анҷомдодаашон қаноатманд нестанд ва афзуд, талош бар он доранд, марҳила ба марҳила дигаргуниву таҳаввулоти нав ҳам дар бинои сирк ва ҳам дар номерҳои ҳунармандон амалӣ гардад. Айни замон якчанд кормандони ҷавони сирк барои такмили касб ва баланд бардоштани маҳораташон дар Ҷумҳурии Украина, Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии мардумии Чин машғули омӯзиши нозукиҳои касби хешанд.

Ба андешаи коршиносон санъати сирки тоҷик таърихи қадим дошта, бо ҷараёни меҳнат, маишат, рақсу бозӣ ва маросимҳои халқӣ алоқаманд аст. Гӯштигирӣ, аспдавонӣ, қувваозмоии паҳлавонон дар пайдоиши сирки тоҷик нақши бузург бозидаанд. Махсусан анъанаи ҳунармандони халқии сирк - дорбозон, кордбозон, тосбозон, масхарабозон, найрангбозон, зочабозон, табақбозон, пойчӯбинбозон ва ғайра ҳангоми ҷашнҳои Наврӯзу Сада ва дигар маросимҳои халқӣ инкишоф ёфта, заминаи сирки миллии тоҷикро ниҳодаанд. Яъне ин гуфтаҳои боло исботи он аст, ки ҳунари сиркӣ ба миллати тоҷик бегона нест.

Сирки тоҷик бо анъанаҳои театри халқӣ, санъати мусиқӣ ва хореография пайвастагии зич дорад. Аммо гуфтан ба маврид аст, ки поягузории сирки муосири тоҷик дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гузошта шудааст. Дар ҳамон замон барои таъсиси сирки касбии тоҷик соли 1968 бо Қарори Вазорати фарҳанги ҶШС Тоҷикистон студияи сирки тоҷик кушода шуд. Дар ҳамин замина 22- юми апрели соли 1970 дар шаҳри Душанбе баромади коллективи сирки касбии тоҷик, ки номи "Наврӯз" дошт, баргузор шуд. Вале таърихи сирки муосири тоҷик аз соли 1978 аз замони ба истифода додани бинои "Сирки давлатии Тоҷикистон оғоз шудааст.



Барои муаррифии сирки тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ ташкили сафарҳои ҳунари он ба давлатҳои хориҷӣ нақши муҳим мебозад. Пас аз истиқлолият ҳунармандони сирки тоҷик берун аз Тоҷикистон ҳунарнамоӣ накардаанд. Вале онҳо талош бар он доранд, ки ин анъанаи пешинро низ амалӣ намоянд. Барои ин ҳоло қарор аст ҳунармандони сирк бо сафари ҳунарӣ (бо барномаи хурди сиркӣ) ба шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон бароянд.

Агар як шакли фаъолияти сирк муаррифии номерҳои он ба мардуми дохилу хориҷи кишвар нигаронида шуда бошад, шакли дигари фаъолияти он муаррифии сирки давлатҳои берун барои тамошобинони Тоҷикистон мебошад. Насли калонсоли Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки дар замони ИҶШС ҳунармандони машҳури Шӯравӣ - Тарасовҳо, Буслаевҳо, Денисовҳо, Дуровҳо, Контемировҳо ва дар замони соҳибихтиёрии Тоҷикистон ҳунармандони сирки шаҳрҳои гуногуни Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Украинаву Қазоқистон, Ҷумҳурии мардумии Чин ва чанде дигар дар саҳнаи "Сирки давлатии Тоҷикистон" ҳунарнамоӣ карда, ҳунару истеъдоди худро ба тамошобинони тоҷик намоиш додаанд.

Дар ҳамин замина гуфтан ба маврид аст, ки аз тирамоҳи соли 2014 шуруъ карда, соҳибкори инфиродӣ - директори генералии ҶДММ "Сумая 2020" Баҳриддин Иброҳимов бо сафари ҳунарии сирки шаҳри Варшава (Полша), Сирк дар рӯйи оби шаҳри Маскав, Сирки вуҳуши шаҳри Маскав ва айни ҳол Сирки бриллиантии Ҷумҳурии Ёкутистони Федератсияи Русия ба Тоҷикистон мусоидат карда, дар ҳар барномаи сиркии ин ё он давлат як намоишро барои кӯдакони дорои имкониятащон маҳдуд, тарбиятгирандагони хона-интернатҳо, кӯдакони ятим ва кӯдакони аз оилаҳои камбизоат ройгон баргузор менамояд. Дар аренаи Сирки давлатии Тоҷикистон 1800 ҷойи нишаст мавҷуд аст. Алҳол як моҳ мешавад, ки ҳунармандони Сирки бриллиантии Ёкутистон дар шаҳри Душанбе қарор доранд. Дар нимаи дуюми рӯзи шанбеи гузашта кӯдакони дар боло зикршуда аз ҳунарнамоии ин сирк ройгон баҳравар гардиданд. Шодиву хандаи беғаши кӯдакон дар ин рӯз гувоҳи он буданд, ки онҳо бо як ҷаҳон таассуроти рангину хотирмон ба хонаву ҷойи зисти доимии худ бармегаштанд.

Гарчанде барномаҳову номераҳои сиркӣ барои калонсолон ва хурдсолон мувофиқ гардонида шуда бошад ҳам, аммо бемуҳобот нақш бар рӯйи об аст, ки аз насли калонсол дида мухлисони сирк дар миёни насли хурдсоли тамошобин зиёд аст. Яъне, кӯдакон бештар муҳаббат ба сирк доранд. Баҳриддин Иброҳимов мегӯяд, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро оиди ғамхорӣ зоҳир кардан дар ҳаққи кӯдакони ятиму бепарастор ва аз оилаҳои камбизоатро сармашқи кори худ қарор дода, мудавом онро амалӣ менамояд. Ҳунармандони Сирки бриллиантии Ёкутистон дар аренаи "Сирки давлатии Тоҷикистон бо номерҳои рақсу бозӣ, ҳаракату чархзаниҳои босуръату тез, найрангбозон, паридану ҷаҳидани акробатҳо, жонглёрӣ, гимнастики ҳавоӣ, этюдҳои акробатӣ, ҳунарнамоии гавазн, рӯбоҳ, маймун, юзпаланг, тутӣ, кенгуру ва ғайра хотири тамошобини хурдсолро шод намуданд.

Мувофиқи шартномаи тарафайн қарор буд, ки сафари ҳунарии сирки дар боло зикршуда аз 19 - уми март то 17 - уми апрел баргузор гардад. Ин муҳлат ҳам анҷом ёфт. Аммо созмондиҳандагони ин сирк талаботи зиёди сокинон ба меҳмонони шаҳри Душанберо ба инобат гирифта тасмим доранд муҳлати сафари ҳунарии ин сиркро то як ҳафтаи дигар тамдид намоянд, яъне рӯзҳои охири ҳафтаи равон (23 ва 24 - уми апрел) ҳунармандони ин сирк барномаи хотимавии худро баргузор хоҳанд кард.

Дар фарҷоми намоиш Баҳриддин Иброҳимов илова намуд, ки тирамоҳи соли равон ҳунармандони Сирки рӯйи яхи шаҳри Маскав бо сафари ҳунарӣ меҳмони Душанбе шуда, дар "Сирки давлатии Тоҷикистон" ҳунарнамоӣ хоҳанд кард.

**Абӯалӣ НЕКРӮЗОВ**

Минбари халқ
20 апрели соли 2016,
№16 (1048)

Тарона

# РОЗПОРАҲО



## БАҲОРИ ЭҲЁГАРИ МАН

Баҳори барвақт пойизгаштаамро хайрбод нагуфта гум кардам. Ту аз роҳ дидиву бозаш гардондӣ. Онро бо испедии шохаи пургули олуча дар оғози фасли эҳёи табиат, бозпасам додӣ, гӯё барои абад ба ман эҳдояш кардӣ.

Баҳорро ту гӯи аз бӯйи атрогини гули садбарги гулобӣ ба машомам боз овардӣ. Сабзаи абрӯйи хешро аз оби ӯсма кабуд кардаму аранге аз бозгашти баҳори қаҳрӣ бо ман, аз нав огаҳӣ ёфтам.

Баҳорро бо табассуми аз лабам реҳлаткардаву бо қаҳ-қаҳаи аз замири дилам ба само паркашида чун ҳадяи бебаҳо ба қалбам бозпас овардӣ.

Магар ту баҳори умрам таркгуфтаву бебозгаштро бо фиребе барои эҳёи қалби мурдаи ман, барои чанд лаҳзае бозовардӣ, ки он дубора аз ман фирор карда?

Кунун ин баҳор чун замони пешин боз таркам гуфта, хазони умрро пешорӯям бо шитоб намегузораду намеравад?

Магар баҳори бозовардаи ту ҳунари бозгардонидани рӯҳу равони хастаи маро дорад? Тавони эҳёи дили куштаеро дорад ин баҳори бароям овардаат? Агар чунин аст, пас марҳабо баҳори умри ман, ки қадрашро надонистанду дар фасли сабзаш хазонрез кардаанд.

Агар чунин аст, марҳабо эй баҳори эҳёгар, ки бо афсуни сабзпӯшу дами масеҳоият қудрати зинда гардонидани рӯҳу ҷону қалби маро кардаву пайке аз интиҳои хазонрези умр овардаӣ. Биё, ки ба пои ту ҳам саҷда бикунам, эй баҳоровару эҳёгари ман...

## ҶАНГИ МУҲАББАТУ НАФРАТ

Хобам намебарад. Ду лашкар дар дилам дар набарданд, як саф афсарони нафрат фармон медиҳанд:



"Ӯро барои абад дар дилат бикуш". Сафи муқобил бонг мезанад: "Дӯсташ медорӣ, бисӯзу оташи ишқашро рӯшантар бидор".

Ва тани хаставу афгори ман миёни бистари сарди танҳоӣ дар ин набарди бепоён печу тоб мехӯрад. Худ намедонам, ки ин мубориза бо чӣ меанҷомад. Кадоме аз ин ду саф ғалаба хоҳад кард?

Фақат хоҳише таркам намекунад. Тезтар рӯз шавад, то аз ин ҷогаҳи сарди танҳоӣ сар бибардораму аз ҷанги муҳаббату нафрат халос бигардам. Фардо рӯшан хоҳад гашт, ки кадоме аз ин қувваҳо қавитаранд.

Вале суоле оромам намегузорад. Худовандо, кӣ ғолиб хоҳад шуд? Муҳаббат ё нафрат? Офаридгоро, аз тантанаи кадоме аз инҳо ман ба оромиш хоҳам расид? Дилам абгору рӯҳам хаста, қалбам хуншору захмин фардоро интизораму охири ин ҷангро. Яқин зафари якеву мағлубияти дигаре ёди сӯзони бе ту буданро бароям сабук хоҳад кард…

Ё хокистарам ба бод хоҳад дод?

## ДУРОҲАИ ФАНО ВА БАҚО

Вақте ки гуфтӣ: "Дӯстат дорам", дар назарам дунё рӯшан, гулҳо шукуфон, обҳо мусаффо, роҳҳо ҳамвортар ва инсонҳо меҳрубонтар шуданд. Роҳам рӯшану дилам қавӣ буд. Хуб медонистам, ки чӣ гуна бояд бошам ва чӣ кор кунам.

Аммо замоне, ки гуфтӣ: "Дӯстат надорам", ин дунёи гарму рӯшану зебо, сарду торику даҳшатнок гашт. Зиндагиам хароб ва оламам чаппагардон шуд. Одамон дар назарам сангдилу номеҳрубон ва дағалу душман тофтанд. Ва дар як они воҳид куллан надонистам, ки дигар чи гуна бошам, ба куҷо равам ва чӣ кор бикунам?

Бадал гаштани Исои Масеҳи ман ба Азроил, эҳёгарам ба қотил, аз он лаҳзаҳоест, ки сари дуроҳаи фано ва бақо истодааму ба кадоме аз ин роҳҳо пой гузаштанро бояд худ дар танҳоӣ интихоб намоям. Муҳимтарин нуқтаи ин ҷо он аст, ки интихобам бояд бехато бошад, акси ҳол фанову бақоям ҳарду ҳам маънӣ надорад.

Метарсам, ки сари ин дуроҳа, дар сӯги ишқи ту бе таъхир пир шаваму агар ҳам тасмими дуруст дар мағзам пайдо бигардад, дигар қуввати тай кардани ин роҳро надошта бошам.

## ОЛАМИ САРНАГУНИ ИШҚ

Бистареро, ки бӯйи туро дошт, оғӯш кардам. Накҳати ёди ишқат дунёи эҳсосамро боз ларзонд. Завраҷи ёдҳои ширин болои амвоҷи хотираҳо аз нав дар шино гашт. Ману ту хаёлам дар бистари парниёнӣ, дар оғӯши ҳам, рӯи амвоҷи об, ту гӯӣ болои абрпораҳои испеди хушбахтӣ дар самои муҳаббат алвонҷ мехӯрдем, на… парвоз доштем.

Вале пас аз лаҳзае тундбоди хотира ғалаёни дигаре андохт.

Тӯфони пурнафрати ёд аз хиёнати ту, амвоҷи баҳри муҳаббатамро ларзонд. Завраҷи ёдҳои ширини ошиқиҳомонро дареғо, гирдоби сангдилиҳоят ба коми хеш кашид.

Бистаре, ки то кунун бӯйи туро дошт, ба хаёлам ҳамакнун накҳати гесӯвони дигареро шамид. Гӯё, ки дунёи эҳсосоти ман сарнагун шуд…

Ёдат аз ёдгоҳи пурмуҳаббатам рахти сафар баст. Тӯфони ғазаб олами фасонавии ёдҳоямро ба гирдоби пурпечутоби беохир чархонду аз назарҳо нопадид кард. Садои боди баъди тӯфон аз куҷои баҳри зиндагӣ магар ба гӯшат расонид?

"Дунёи тозаи ишқат обод бод!.."

## ЯТИМИ ИШҚ

Дина ту аз ман рафтӣ. Аз барам, аз сарам рафтӣ. Ҳини рафтан дар чашмонат ишқ набуд. Дар лабонат табассуми пурфиребе ноаён сайр дошт.

Мехостӣ бигӯям, ки "Дӯстат медорам". Нагуфтам. Зеро он лаҳза дар дилам эҳсос мурда буд. Дар сарам, боди тиҳӣ чарх мезад, дар тафаккурам нолаи марги ишқ танин меандохт.

Дурӯғат нагуфтам. Зеро ҳеҷ гоҳе фиребат накардаам, фиребам накардаӣ, ҳоҷат ба дурӯягиву макр дар ишқ нест. Рафтӣ. Дарк накардӣ, ки ин лаҳзаҳои танҳоии ман, ҳукм ба марги дил аст.

Бехабар аз дарди дилам аз дарам бурун гаштӣ, вале на аз қалбам. Дилам сӯзише дошт, аммо нигоҳам хайрбодӣ набуд. Рафӣ ту аз манзилам ва он гӯре шуд. Рафтӣ аз барам ва рӯҳам дар фазо бечораву саргардон гашт. Рафтӣ аз сарам худро ятиме эҳсос кардам, ки дасти навозише сояааш намеафканд. Рафтиву ятими ишқам кард рафтанат, ятиме ноумеду бе саробон.

Рафтаиву мондаам бе саробони қалб, бе саробони хушбахтӣ, бе саробони меҳр, бе саробони зиндагӣ… Рафтаиву ман мондаам дар ин сарои танҳоӣ, мани ятими гушнаи як пора меҳрат…

Рафтаӣ, дурӯғат нагуфтам, дурӯғат нагӯям, вале нагуфтамат, ки бе ту барои ту мемирам…

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

## Латифаҳо

### Бузакам, намур...

Марде аз дӯсташ гила кард:

- Ман аз ту хафа шудам. Медонӣ, барои чӣ? Шунидам, ки тӯй кардаӣ, ба писарат арӯс овардӣ. Чаро маро хабар накардӣ?

- Узр, дӯстам, узр! - афсӯс хӯрд вай. - Гила болои дида! Дар ин гуна маъракаҳо аз ташвиши зиёд дӯсти ҷонӣ он тараф истад, ҳатто писархолаатро ҳам фаромӯш мекардаӣ. Бори дигар узр, дӯстам, узр! Иншоаллоҳ, рӯи набeраро бинам, туро дар гаҳворабандонаш хабар мекунам, ҳатман меоӣ.

Мушфиқӣ ин гилагузориҳои дӯстонро шунид ва ба андеша рафт: "Беҳтараш ба тӯи абераат хабар кун, шояд то он вақт зинда набошад!"…

J J J

### Ҳаҷвия не...

Адибе ба ҳаҷвнигоре ҳаҷвияашро қироат кард.

- Чӣ тур баромадааст он? - пурсид адиб. - Мебинам, ки ҳеҷ ба ҳаяҷон наомадед? На хандидеду на гиря кардед?

- Эҳ-ҳ, напурсед! - посух дод ҳаҷвнигор. Чунон ба ҳаяҷон омадам, ки қариб карахт шавам. Метарсам, ки таассуротамро ба шумо нақл кунам, шумо ҳам аз ҳаяҷон яке фалаҷ нашавед!

J J J

### Машҳури ҷаҳон

- Ака, занҳо аҷоиб ҷинси латифанд? - гуфт ба фаррoше аробакаши бозор. Бузургон мегӯянд, ки зани хуб шавҳари бадро миёнаю шавҳари миёнаро хуб ва шавҳари хубро машҳури ҷаҳон мекунад. - Албатта, ин кори осон не! Баҳри ин ақлу заковати зиёд даркор!

- Гапат дурусту бародар, паст-паст гап зан, ки ин суханонро мабодо занҳои ҳардуи мо нашунаванд...

J J J

### Сирри биноӣ

- Домулло, бисёр шахсонро мебинам, ки аз биноияшон шикоят мекунанд, - гуфт табиби сергапи бадшамоиле ба Мушфиқӣ. - Ростӣ, ба ҳоли онҳо раҳми кас меояд. Хӯш, табиби чашм набошам ҳам сирри биноиро медонам ва ба онҳо дилам сӯхта, аз таҷрибаам нақл мекунам, ки дидани сабзаи хуррам, оби равон, моҳи рӯшан ва аз ҳама муҳим дидори инсони хуб. Ин чаҳор шарт иҷро гардад, биноии чашм ҳаргиз коста намешавад. Ва баръакс, дидани дашти бегиёҳ, оби лой ва аз ҳама муҳимаш инсони бадгапу бадшакл нури чашмро мебарад.

- Офарин, додар, кори савобро пеша кардаед! - гуфт Мушфиқӣ ва шитобон аз ҷой бархост. - Акнун иҷозат диҳед, ки тезтар аз суҳбати шумо дур шавам, ки чашмонам хеле хира шуданд, метарсам, ки соате суҳбат кунем, комилан кӯр мешавам...

**Турдиалии БОЙБОБО**



# ЛАЗЕРЕ, КИ ҲОСИЛНОКИРО ДУЧАНД МЕКУНАД

**Бинобар хабари расонаи Daily Mail дар Федератсияи Русия асбобе ихтироъ шудааст, ки бо истифодаи самараноки он метавон аҳолии сайёраро аз гуруснагӣ ноҷот дод.**

**Ин** асбоби ба ақидаи мутахассисон нақотбахш лазере мебошад, ки олимони Донишгоҳи аграрии Мичуринский мавриди санҷиш қарор додаанд. Таҷрибаи олимон собит сохтааст, нуре, ки аз лазери ин дастгоҳи навсохт ба растанӣ равона карда мешавад, сабзиши онро дучанд карда, ҳосилнокии маҳсулотро ба маротиб афзун мекунад.

Имрӯз ба касе пӯшида нест, ки баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ дар саросари ҷаҳон ба воситаи истифодаи моводи кимиёвӣ, ки ба саломатии истеъмолкунандагон безарар нест, ба даст оварда мешавад. Вале маҳсулоти кишоварзие, ки мутахассисони Тамбов тавассути лазер афзоиши онро тезонида ҳосилнокиашро зиёд намудаанд, аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, дар илми соҳаи кишоварзӣ ҳодисаи наву самарбахш арзёбӣ карда мешавад. Бино ба маълумоти мутахассисони тамбовӣ афзалияти дигари ин таҷҳизот дар он аст, ки бо ёрии он имкони дарёфти беморихои мухталифи растанӣ ва табобати саривақтии онҳо имконпазир аст.





Бино ба иттилои мутахассисони озмоишгоҳи биофотон нурҳои лазерӣ раванди табиии афзоиши растаниро тезонида, таҷҳизот тавре сохта шудааст, ки кафолати бенуқсон кор карданаш амри воқеист.

Мариди тазаккур аст, ки ба растанӣ равона кардани нурҳои лазерӣ бояд ҳамарӯза ба иҷро расонида шавад. Бо ин мақсад истифодаи фаъолияти роботҳо зарур аст. Аввалин таҷрибаҳо дар гармхона собит намуданд, ки ин кор иҷрошуданист. Бо назардошти он, ки арзиши аслии таҷҳизот гарон нест, вай метавонад дар муддати кӯтоҳ хароҷоти худро рӯйпӯш намояд, мегӯянд мутахассисони донишгоҳи Мичуринский. Имрӯз як қатор фермерҳои Русия барои дастрасӣ ба он ҳавасманд гардидаанд.



Варзиш дар деҳот

# Яхҳо об мешаванд

**Чемпионати 14-уми ҷамоати деҳоти Овчиқалъача-и ноҳияи ба номи Б.Ғафуров чун ҳарвақта дар мавзеи наздисарҳадӣ бо деҳаи Қулундии ноҳияи Лайлаки ҷумҳурии Қирғизистон баргузор шуд, ки он мавзеи баҳсӣ маҳсуб мешавад.**



Аз он ки камина наздики 10 соли охир дар ин чорабинии варзишӣ иштирок мекунам, гумон доштам ин дафъа низ бозиҳои финалӣ аз ҷониби бародарони қирғиз халалдор мешавад. Аммо, гумонам хато баромад. Раиси федератсияи футболи деҳа, вакили мардумӣ дар Маҷлиси ноҳиявӣ Абдунабӣ Бобоев хушхабар расонд, ки ин дафъа дар мусобиқа дастаи футболбозони деҳаи Қулундӣ низ иштирок карданд.

-Яхҳо об мешаванд гӯед,- хушгӯӣ намудам ба раиси федератсия.

-Бале, ако, дуруст гуфтед, яхҳо об мешаванд.

Рости гап, аз ин навид табъам болида гардид ва бозии финалиро бо мароқи том тамошо кардам. Ба бозиҳои финалӣ аз 8 дастаи футболбозони деҳот 2 даста- "Сарбанд" ва "Истиқлол" баромада, барои соҳиб шудан ба ҷоми мусобиқа мубориза бурданд.

Дар танаффус, ки бо ҳисоби 1:0 ба фоидаи дастаи "Сарбанд" анҷомид ман фурсат ёфта бо раиси ҷамоати деҳа Эргашбой Ҷӯраев ҳамсӯҳбат шудам.

-Имсол мо кӯшиш кардем, чун солҳои пешин нофаҳмиҳо байни тоҷикону қирғизҳо дар бозиҳои финалӣ сар назанад,-гуфт раиси ҷамоати деҳа. Бо ин мақсад ҳамроҳи раиси Аул Ҳукумтуи Қулундӣ Қувватбек Сулаймонов гуфтугӯи ҷиддӣ кардем ва ҳамдигарфаҳмӣ ба даст оварда, қарор додем, ки дар чемпионати имсолаи деҳа дастаи футболбозони Қулундӣ "Интернатсионалист" низ қувваозмоӣ кунанд.

Қайд кардан ба маврид аст, соли равон дар таҳкими дӯстиву рафоқат бо бародарони қирғиз роҳбарияти ҷамоати деҳаи Овчиқалъача хеле хуб муваффақ шудааст. Дар тантанаҳои наврӯзие, ки қирғизҳо барпо карданд, гурӯҳи меҳмонони деҳаи "Овчиқалъача" таҳти сарварии раиси ҷамоати деҳа даъват шуданд ва иштирок намуданд. Ба ҳамин монанд вакилони деҳаи Қулунди-и ҷумҳурии Қирғизистон низ дар чорабиниҳои наврӯзии тоҷикони деҳаи Овчиқалъача иштирок карданд. Ҳарду ҷониб дар васфи дӯстиву бародарии халқҳои тоҷику қирғиз суханони нек гуфтанд.

Ҳамин тариқ, қисми дуюми мусобиқа басо шадид ва бо ҳуҷумҳои тарафайну гоҳо бо риоя накардани қоидаҳои бозӣ сипарӣ шуд, ки аз назари довари мусобиқа Санъатҷон Нозимов пинҳон намонд. Маълум буд, ки ҳарду даста бисёр мехостанд ғолибияти мутлақро ба даст оранд. Натиҷа чунин шуд, ки қисмати дуюми бозӣ бо ҳисоби 2:2 анҷомид. Довар барои муайян намудани ғолиб тӯбҳои ҷаримавии 11 метра муқаррар кард. Баъди задани зарбаҳои ҷаримавӣ ғолибият бо ҳисоби 6:5 насиби дастаи "Сарбанд" гардид. Ҷоми ғолибият, Ифтихорномаи Федератсияи футболи деҳаро ба ғолибон мудири бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии МИҲД ноҳияи Б.Ғафуров Олимҷон Зоҳидов, раиси ҷамоати деҳоти Овчиқалъача Эргашбой Зоҳидов ва раиси федератсияи футболи деҳа Абдунабӣ Бобоев супориданд.

Баъдан бо дуои пирони рӯзгордида ва таманнои рӯзҳои нек чемпионат бо садо додани Суруди миллӣ ба интиҳо расид. Меҳмонону футболбозон аз варзишгоҳи навбунёди деҳа, ки бо ташаббуси бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳия барқарор шудааст, дидан карданд. Бино ба гуфти сардори бахши зикршуда Олимҷон Зоҳидов дар корҳои барқарорсозӣ ҷавонони деҳа фаъолона иштирок карданд. Шахсони хайрхоҳ низ домани саховаташонро васеъ кушода, дар ин амали хайр саҳмгузор шуданд. Дар натиҷа, масоҳати 2400 мукааб метр сабзпӯш (газон) ва атрофаш панҷарабандӣ гардид. Маблағи умуми сарфшуда зиёда аз 60 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки чемпионати деҳаи Овчиқалъача 14 сол муқаддам бо мақсади тарғибу ташвиқи варзиш ва футбол бо ташаббуси фарзанди барӯманди ҳамин деҳа Олимҷон Ҷалолов таъсис дода шуда буд. Ҳамасола он моҳи феврал оғоз гардида, бозиҳои финалиаш дар рӯзҳои таҷлили Наврӯзи оламафрӯз баргузор мегардад. Ба ҳар ҳолат, аз иштироки имсола дар ин мусобиқа ман бо таассуроти нек баргаштам. Табъи маро иштироки бародарони қирғиз дар ин мусобиқаи варзишӣ болида дошт. Ба дурустии мақоли халқии "Варзиш қосиди сулҳ аст", бори дигар боварӣ ҳосил кардам.

**М. МАҚСУДОВ**


*Общественное объединение*

## «АВТО РЕТРО ЭКСКЛЮЗИВ»

***КЛУБ ЛЮБИТЕЛЕЙ РАРИТЕТНЫХ И ЭКСКЛЮЗИВНЫХ АВТОМОБИЛЕЙ ТАДЖИКИСТАНА***

Если Вы любитель старинных, раритетных и эксклюзивных автомобилей и мотоциклов: ЗИС, Бьюик, Чайка, Мерседес, ЗИМ, БМВ, Победа, Опель, Волга, Кадиллак, Жигули, Москвич, Запорожец и др.

Общественное объединение **"Клуб любителей ретро-автомобилей и мотоциклов Авто Ретро Эксклюзив".**

**При поддержке Хукумата города Душанбе**

**Торгового комплекса "Пойтахт-90"**

в честь празднования Дня города Душанбе проводят 4-ю Республиканскую Выставку старинных, раритетных и эксклюзивных автомобилей "Авто Ретро Душанбе 2016".

**Выставка будет проводится 24 апреля 2016 года по адресу:** г. Душанбе, улица Мехнат, на территории Торгового Комплекса "Пойтахт-90".

Если Вы хотите участвовать в организации выставки или подарить призы и подарки от Вашей компании участникам или посетителям выставки, можете обращаться на телефон или **Viber (93) 583-00-33** или **(98) 527-94-94** или в рекламную службу газеты **"Минбари халқ": 903-03-35-35.**

**ИНФОРМАЦИОННЫЙ ПАРТНЁР ВЫСТАВКИ ИЗДАНИЕ "МИНБАРИ ХАЛҚ"**





### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи донишҷӯии силсилаи Ф8-84/2013, ки соли 2013 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба Иброҳимов Раҳимҷон Аминҷонович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯии силсилаи Ф8-94/2013, ки соли 2013 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба Расулов Суҳроб Холиқович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.


### БА ИҶОРА МЕДИҲАМ

Квартираи дуҳуҷрагиро бо тамоми шароити зист таъмин, ба оилаи хушрафтору хушмуомила ба иҷора медиҳам. Дар манзили зист ба ғайр аз телевизор, дигар ашёву таҷҳизоти рӯзгор- аз қабили рахти хоб, кондитсионер, яхдон ва таҷҳизоти ошхона муҳайё буда, обу барқ доимӣ аст. Макон: миёни фурудгоҳи куҳнаву нав.

**Телефон барои тамос: 915 98 15 11**

**Барои ҳамкорӣ ва ҷойгир кардани эълону реклама дар нашрияи "Минбари халқ" бо шумораи телефони 900-22-33-85 ва 238-72-10 занг занед.**


**Раёсати Иттифоқи меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марги бемаҳали узви Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, муовини директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашии "Сохтмон ва меъморӣ"**

**БОЗОРОВ МУЗАФФАР АБДУЛЛОЕВИЧ**

**сахт андӯҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум ҳамдардии худро баён менамоянд.**


НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.hamsafon.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Ҳуринисо Ализода, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчин:** Ҷамила Аҳмадова, Наргис Шамсова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 54700 нусха**
**Навбатдор: И.ТОҲИР**


